Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

РӮЗНОМАИ КЕНГАШИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ӮЗБЕКИСТОН

11 июни соли 2003. Чоршанбе № 42 (12885)

Дар фурӯш нархи озод. Рӯзнома соати 16.55 имзо гардид.

Варзиши бачагона бояд оммавӣ гардад, рушди он ба ҷунбиши оммавӣ мубаддал ёбад

Чуноне ки пештар хабар дода будем, 4 июн дар қароргоҳи Оқсарой таҳти сарпарастии Президент Ислом Каримов маҷлиси навбатии Кенгаши васоятгари Бунёди рушди варзиши бачагонаи Ӯзбекистон ба амал омад. Дар он аъзоёни кенгаши мазкур, мушовирони давлатии Президент, ҷонишинони Нахуствазир, Раиси Жокарги Кенгеси Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, ҳокимони вилоятҳо ва шаҳри Тошканд, сарварони вазорату идораҳои дахлдор, намояндагони воситаҳои ахбори оммавӣ иштирок намуданд.

Дар маҷлис рафти иҷрои протоколи маҷлиси Кенгаши васоятгар, ки 7 феврали соли 2003 ба амал омада буд, тасдиқи барномаи дар ҷумҳурият сохтани иншоотҳои нави варзишии бачагона дар соли ҷорӣ ва бучаи Бунёд дар соли 2003, масъалаҳои дар худи мамлакатамон истеҳсол намудани асбобу анҷоми варзишӣ, либос ва маҳсулоти чармиву пойафзол, лоиҳаҳои намунавии иншоотҳои варзишии бачагона ва ба шабакаи варзишӣ мубаддал сохтани шабакаи ҳӯрӯми Ширкати телевизиону радиои Ӯзбекистон мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Дар поён протоколи маҷлиси мазкури Кенгаши васоятгари Бунёди рушди варзиши бачагонаи Ӯзбекистон интишор меёбад.

Иштирокдорони маҷлис иттилооти ҷонишини аввали Нахуствазири Ҷумҳурияти Ӯзбекистон К.Тӯлаганов ва раиси садорати Бунёди мазкур А.Мирқосимовро дар бораи рафти иҷрои нуктаҳои протоколи маҷлиси Кенгаши васоятгари Бунёди рушди варзиши бачагонаи Ӯзбекистон аз 7 феврали соли 2003 шуниданд.

Ба маълумот гирифта шуд, ки Вазорати таълими халқ, садорати Бунёди рушди варзиши бачагона ва дигар ташкилотҳои дахлдор корҳои зиёди таҳлилиро ба иҷро расонданд, ки ба муайян кардан ва аз нигоҳи танқидӣ арзёбӣ намудани миқдори бачагони аз 6 то 17-солае, ки мунтазам бо варзиш машғул мегарданд, нигаронда шуда, дар асоси омӯзиши вазъи рушди чормарҳалагии варзиши бачагона (синфҳои 1-4, синфҳои 5-9, коллеҷҳо ва литсейҳо, сексияҳои варзишии маҳаллаҳо) мавриди тадқиқ қарор гирифтааст.

Зикр ёфт, ки дар давраи сипаришуда вазоратҳои тандурустӣ ва таълими халқ, дигар идораҳои манфиатдор асосан тавсияҳоро оид ба вучуд овардани асосҳои тиббӣ ва илмии таъмини бачагони аз нигоҳи ҷисмониву маънавӣ баркамол, рушди самтҳои асосӣ ва намудҳои варзиши бачагонаро дар мамлакат таҳия намудаанд.

Барои мактабҳои таълими ҳамагонӣ низ барнома барои соли таҳсили 2003-2004 оид ба ба вучуд овардани нақшаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, дастурҳои методӣ ва плакатҳо оиди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши бачагона таҳия гардидаанд. Оинномаи гузарондани мусобиқаҳои «Соғлом авлод» таҳия гардидааст, ки онҳо дар маҳаллаҳо дар арафаи иди Наврӯз оғоз ёфта, то ҳол давом доранд.

Ширкати «Ӯзбекенгилсаноат» ҳаҷми талабгоҳ нисбати асбобу ускунаи варзишӣ, либоси варзишие, ки барои рушди варзиши бачагона дар мактабҳо, коллеҷҳо, литсейҳо ва маҳаллаҳои мамлакат заруранд, муайян кардааст. Намоишгоҳи намунаҳои либосҳои варзишӣ бо назардошти арзишу анъаноти миллӣ ва ҷаҳонӣ дода, гузаронда шуданд. Нақшаҳо ба мақсади таъмини дизайни либос ба дарачаи андозаҳои ҷаҳонӣ таҳия гардидааст.

Тавсияҳо оид ба тайёркунии омӯзгорон—устодони варзиши бачагона ва ташкили он дар бакалавриат, магистратура ва дар шӯъбаҳои махсуси ғоибхонони донишкадаҳо оиди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дода шуда, ҳамчунин таклифҳо оиди такмил додани низоми таълим дар соҳаи тайёркунии мутахассисон оид ба масъалаҳои варзишгарону рӯҳшиносони соҳаи варзиш пешниҳод шудаанд.

Дар асоси таклифҳои аз маҳаллҳо расида маълумот ва иттилоот оиди барномаи дар соли 2003 сохтани иншоотҳои нави варзишии бачагона дар ҷумҳурият ва минтақаҳои он, таҳияи лоиҳаи бучаи бунёд барои соли 2003, тайёркунии лоиҳаҳои намунавии иншоотҳои варзишӣ, ба ҳисобсурати бунёд то 1 июни соли ҷорӣ аз ҷониби васоятгарон дохил шудани 8,2 миллиард сӯм ва 1,6 миллион доллари ИМА пешкаш гардид. Дар айни замон таъкид гардид, ки дар ин самт ба камбудиҳо ва хатогиҳо роҳ гузошта шудаанд. Аз он ҷумла, дар марказ ва дар маҳаллҳо як қатор сарварон моҳият ва аҳамияти ин масъалаи муҳими глобалиро, ки бо ояндаи миллат бевосита алоқаманд мебошад, пурра дарк накардаанд. Аз ин рӯ, ба ин масъала сарсарӣ муносибат кардан, шаклпарастӣ дар фаъолият ҳис карда мешавад. Ва он дар навбати худ барои пурра амалӣ гардондани вазифаҳое, ки дар назди бунёд гузошта шудаанд, монеа мегардад.

Ба масъалаҳои дар мамлакат инвентаризатсия кардани иншоотҳои варзишӣ, босамар истифода бурдани онҳо диққату эътибори зарурӣ дода намешавад. Дар лоиҳаҳои сохтмони иншоотҳои нави варзишии бачагона ва ба вучуд овардани сексияҳо пурра масъалаи мутобиқати онҳо ба шароити маҳаллӣ ба назар гирифта нашуда, махсусияти ҳар як минтақа аз назар соқит мондааст.

Дар як қатор маҳаллҳо ба дарки масъалаи фаъолияти Бунёди рушди варзиши бачагона ва дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ дар низоми таълим ба носаҳеҳӣ роҳ мегузоранд. Зарурати қатъан муайян кардани ваколату ӯҳдадориҳои Вазорати таълими халқ, Вазорати маълумоти миёнаи махсус ва олӣ ва Бунёд дар ин самт нишон дода шуд.

Дар низоми Бунёд ва шӯъбаҳои вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявии он ба қабул кардани одамоне ба кор роҳ гузошта мешавад, ки мақсаду вазифаҳои дар пеш гузоштаи Бунёдро амиқан дарк накардааанду ба қадри кофӣ фаъол, ташаббускор ва фидокор намебошанд.

Ба ҷуз ин диққату эътибор ба он нигаронда шуд, ки фаъолияти воситаҳои ахбори оммавӣ дар масъалаи ба вучуд овардани тарзи солими ҳаёт дар байни аҳолӣ, худдорӣ кардани авлоди наврас аз ҳар гуна зуҳуроти манфӣ, мубаддал сохтани варзиши бачагона ба ҷунбиши васеи умумихалқӣ ба қадри зарурӣ намебошад.

Тавсия гардид, ки масъалаи вусъат додани ҳаҷми дарсҳои ҳафтаинаи варзишӣ дар ҳар марҳалаи раванди таълим, пеш аз ҳама дар муассисаҳои таълимии деҳот, аз нав дида баромада шуда, онҳо аз соли нави таҳсил татбиқи амалии ҳудро ёбанд.

Бучаи Бунёди рушди варзиши бачагона дар соли 2003 бо назардошти аз нав дида баромадани натиҷаҳои нӯҳ моҳи соли ҷорӣ тасдиқ ёфт.

Вазифаи сари вақт ва пурра таъмин гардидани маблағҳои васоятгарон бо асъори миллӣ ва озодтабодул ба зиммаи ҷонишини Нахуствазири Ҷумҳурият Р.Азимов гузошта шуд. Зикр ёфт, ки вусъат додани ҳаҷми асъоре, ки то 1 июли соли 2003 ғун мегардад, мебояд ба боз як миллион доллар афзун гардад.

Тақдимоти ҷонишини Нахуствазир Р.Азимов ва вазири молия М.Нормуродов аз 15 ноябри соли 2003 оиди ҳаҷмҳои маблағи бучаи Бунёд дар соли 2004 бо асъори миллӣ ва озодтабодул ба назар гирифта шуд. Вазифа ва масъулияти иҷрои назорати маблағи Бунёд ба зиммаи вазири молия М.Нормуродов гузошта шуд.

Ба Кумитаи давлатӣ оид ба сохтмону меъмории Ӯзбекистон якҷоя бо Раиси Жокарги Кенгеси Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, ҳокимони вилоятҳо, Бунёди «Маҳалла», Ҷунбиши ҷамъиятии ҷавонони «Камолот» супурда шуд, ки дар бадали се ҳафта барои баррасӣ таклифҳои мушаххасро оиди лоиҳаҳои ояндаи иншоотҳои варзишӣ бо назардошти махсусияти ҳар як вилоят пешкаш намоянд.

Ба Бунёди рушди варзиши бачагона, вазорати таълими халқ, Маркази таълими миёнаи махсус ва касбу ҳунар супурда шуд, ки ба мақсади фароҳам овардани заминаи мустаҳками варзиши бачагона дар бадали ду моҳ дар асоси таҳлили мушаххас маълумотҳои муфассалро дар бораи миқдори бачагони аз 6 то 17-сола дар доираи мамлакат ва минтақаҳои он пешкаш кунанд, ки мунтазам бо варзиш машғул мебошанд.

Ба Вазорати тандурустӣ тавсия гардид, ки тавассути воситаҳои ахбори оммавӣ таклифҳоро оиди рушди намудҳои пешомадноки варзиш, ки бо назардошти асосҳои илмӣ ва тиббӣ ва шароити иқлимии минтақаҳо таҳия гардидаанд, васеъ таблиғ намоянд.

Созмон додани комиссия таҳти сарпарастии ҷонишини аввали Нахуствазири Ҷумҳурияти Ӯзбекистон К.Тӯлаганов пешбинӣ гардид, ки ба таркиби он раиси Бунёди рушди варзиши бачагона, раисони Кумитаи давлатӣ оид ба тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, Кумитаи давлатӣ оид ба идоракунии амволи давлатӣ ва ҷонибдории тадбиргарӣ, Раиси Жокарги Кенгеси Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, сарварони ҳокимиятҳои вилоятҳо ва шаҳри Тошканд, ҳамчунин сарварони ташкилотҳои дахлдор шомил мегарданд. Ба зиммаи комиссия вазифаи инвентаризатсияи тамоми иншоотҳои варзишии мамлакат ва масъалаи омӯзиши босамар истифода бурдани онҳо, таҳияи таклифҳо дар зарфи як моҳ гузошта шудааст.

Чуноне ки дар протоколи маҷлис зикр ёфтааст, ба мақсади баланд бардоштани босамарии сохтмони иншоотҳои варзишии бачагона дар назди Бунёд ташкил додани Маъмурияти обектҳои бинокорӣ мувофиқи мақсад мебошад.

Ба зиммаи маъмурият вазифаи дар асоси рӯихати Кенгаши васоятгар ба лоиҳа гирифтани иншоотҳои бинокорӣ, мутобиқсозии корҳои бинокорӣ ва мувофиқи мақсад истифода бурдани маблағҳои ҷудогардида ва дигар фармоишҳои дахлдор гузошта шудаанд. Зарурати аз ҷониби К.Тӯлаганов тасдиқ намудани сохтори маъмурият ва оинномаи он дар зарфи се ҳафта ва дар бадали як моҳ пурра гардондани он бо кадрҳои баландмалака зикр ёфт.

Ба зиммаи раиси садорати Бунёди рушди варзиши бачагона, раиси Шӯрои Вазирони Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, ҳокимони вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо вазифаи муайян кардани тадбирҳои ташкилӣ оид ба ин вазифа дар асоси барномаи тасдиқгардидаи сохтмон ва тачдиди барои соли 2003 гузошта шуд. Аз он ҷумла мувофиқи тартиби пешбинигардида гуузорандани тендер байни лоиҳаҳои намунавии ташкилотҳои бинокорӣ, интихоби онҳо, ҷойгир сохтани обектҳои бинокорӣ бо назардошти махсусияти иқлими ба худ хоси ҳар минтақа ва сари вақт иҷро намудани дигар корҳои ташкилии ҳатмӣ пеш гузошта шуд.

Ба Вазорати молия супурда шуд, ки тамоми корҳои бинокориро дар заминаи бучаи тасдиқнамудаи бунёд бо маблағ таъмин намояд, мувофиқи мақсад истифода бурдан ва дар ҳаҷми пешбинигардида амалӣ гардондани ҳароҷотро назорат намояд.

Фаъолият оид дар худуди ҷумҳуриятамон истеҳсол намудани асбоби анҷоми варзишӣ, либос ва маҳсулоти чармиву пойафзол маъкул дониста шуд. Зарурати дар ҳамаи вилоятҳо гузорандани намоишгоҳҳои либосҳои варзишие, ки дар Ширкати давлативу саҳҳомии «Ӯзбекенгилсаноат» истеҳсол мегарданд ва аз ҷониби воситаҳои ахбори оммавӣ васеъ таблиғ намудани фаъолияти ин намоишгоҳҳо зикр гардид.

Вазифаи дар зарфи ду ҳафта ба Девони Вазирон тақдим кардани лоиҳаи қарори дахлдор дар ин бобат ба зиммаи ҷонишини Нахуствазир М.Усмонов гузошта шуд.

Ба Ширкати телевизиону радиои Ӯзбекистон, Оҷонсӣ оид ба матбуот ва иттилооти Ӯзбекистон, ӮзА ва дигар воситаҳои ахбори оммвӣ тавсия карда шуд, ки мақсадҳои асосӣ ва вазифаҳои корҳои иттилоотӣ ва таблиғотии самти стратегии рушди варзиши бачагонаро мунтазам равшан созанд.

Ба ҷонишини Нахуствазир Р.Азимов, Мушовири давлатии Президент Х.Султонов якҷоя бо Ширкати телевизиону радиои Ӯзбекистон, Оҷонсӣ оид ба матбуот ва иттилооти Ӯзбекистон, Бунёди ҷамъияттиву сиёсӣ оид ба демократиконӣ ва ҷонибдории воситаҳои ахбори оммавӣ, Кумитаи давлатӣ оид ба тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, Ҷунбиши ҷамъиятии ҷавонони «Камолот», ҳамчунин дигар вазорату идораҳои дахлдор супурда шуд, ки дар зарфи як моҳ ба Девони Вазирон лоиҳаи қарорро, «Дар бораи пурзӯр кардани таблиғи варзиши оммавӣ» пешкаш намоянд.

Дар қарор мебояд тадбирҳо оид ба вучуд овардани низоми ба худ хоси миллии тайёркунӣ, бозомӯзӣ ва баланд бардоштани малакаи кормандони соҳаи паёмнигории варзишӣ, беҳдошти заминаи моддиву техникии нашрияҳои варзишӣ ва дигар воситаҳои ахбори оммавии ба ин соҳа тахассусонидашуда, рағбатноксозии паёмнигорони соҳаи варзиш, дар телевизиони мамлакат созмон додани шабакаи «Варзиш» акси амалии худро дарёбанд.

Назорати иҷрои протоколи мазкур ба зиммаи ҷонишини аввали Нахуствазир К.Тӯлаганов ва ҷонишини Нахуствазир Р.Азимов гузошта шуд.

Протоколи маҷлис, ки аз тарафи Раиси Кенгаши васоятгари Бунёди рушди варзиши бачагонаи Ӯзбекистон, Президенти мамлакат Ислом Каримов тасдиқ гардидааст, бори дигар аз ҳамин гувоҳӣ медиҳад, ки фаъолияти бунёд бахри таъмини рушди ҳаҷмӣ ва таблиғи варзиши бачагона ба сифати шарти фавқулодда муҳим баҳри таҳкими авлоди аз нигоҳи ҷисмонӣ ва маънавӣ баркамол, саъю кӯшиш ба сӯи тарзи солими ҳаёт ва бедор кардани ҳисси меҳру муҳаббат нисбати варзиш, аз ҳама муҳимаш, мубаддал сохтани ин саъю кӯшиш ба ҷунбиши умумихалқӣ нигаронда шудааст.

(ӮзА).

Самараи хуби хоҷагии фермерӣ

Хоҷагиҳои фермерӣ дар вилояти Бухоро, аз он ҷумла ноҳияи Қарокӯл дар бобати рӯёндани маҳсулоти фаровони кишоварзӣ саҳми калон гузошта, ҳиссаи онҳо аз рӯи вусъат додани ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулот мунтазам арзандатар мегардад. Зеро ҳамагон хуб медонанд, ки агар мулк соҳибашро ёбаду ҳисси амволдорӣ воло гардад, дар он сурат фатҳи қуллаҳои нав ба нави меҳнатӣ ҳам ба осонӣ мекӯчад. Исботи фикри мазкурро дар мисоли фаъолияти хоҷагии фермерии Ибрат —91 низ дидан мумкин аст, ки ба қарокӯлпарварӣ тахассусонида шудааст. Ба хоҷагии мазкур ҳорводори номдор ва бомалака Тангрӣ Шукуров сарварӣ мекунад. Алҳол миқдори ҳорвои калони шохдор аз 50, бузу ғӯсфандон бошад, аз сад сар бештар аст. Барои парвои хубу пайваста баланд гардондани маҳсулдеҳиашон ғамхорӣ зоҳир карда мешаваду оқибат ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот вусъат ёфта, даромад ҳам зиёд мегардад. Соли гузашта хоҷагии фермерӣ беш аз 3 миллион сӯм даромад ба даст овард.

***Дар сурат** мутахассиси соҳаи ҳорво **Рустам Каттаев**, ҷӯпон **Шойкул Кароматов**, фермер **Тангрӣ Шукуров** намояндаи иттиҳодияи хоҷагиҳои фермерӣ **Ҳикмат Шаripов**.*

Аксбардор Собир ЗУФАРОВ (ӮзА).

«Ӯзметкомбинат»: мутассил таъмин будан бо ашёи хом муҳим аст

Дар Иттиҳодияи истеҳсолии саҳҳомии «Ӯзметкомбинат»-и Бекобод дар зарфи панҷ моҳи сипаришудаи соли ҷорӣ 205,2 ҳазор тонна пӯлод гудохта шуд. 193,2 ҳазор тонна прокати маъдани тайёр ба истеъмолгарон фиристода шуд. Ва он нисбати ҳамин давраи соли гузашта 18 ҳазор тонна зиёд мебошад. Моҳҳои январ-май ба истеъмолгарони хорича ба андозаи 16,8 миллион доллар маҳсулот фиристода шуд.

Корхона моҳҳои январ-май 256,2 ҳазор тонна ашёи хомро қабул кард. Мутаассифона, супориши моҳи май дар бобати тайёр кардани ашёи хом иҷро нагардид. Ва он дар навбати худ ба дарачаи пешрафти истеҳсолот таъсири худро гузошт.

Дар ин бора сухан дар маҷлиси навбатии Комиссияи ҷумҳурӣ оид ба назорат ва мутобиқсозии тайёркунӣ ва ба азнавкоркард супурдани оҳанпора ва партовҳои маъданҳои сиёҳу ранга дар шаҳри Бекобод рафт. Дар маҷлис бахшида ба натиҷаҳои таъминоти «Ӯзметкомбинат» бо ашёи хоми тӯфайлӣ дар моҳҳои январ-май сарварони вазоратҳо, идораҳо, ассотсиатсияҳо, мақомоти ҳудудии идора, ташкилотҳое иштирок намуданд, ки бо ҷамъоварӣ ва супурдани ашёи хоми туфайлии маъданӣ кордор ҳастанд.

Маҷлис таҳти сарпарастии Мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Исмоил Ҷӯрабеков гузашт.

Кори бомароми корхона имконияти мутассил таъмин кардани объектҳои бинокориеро, ки дар мамлакатамон қад мекашанд, аз он ҷумла биноҳои замонавии қадкашидаистодаи литсейҳои академӣ, коллеҷҳои касбу ҳунар бо арматураи бинокорӣ, истеҳсоли шарҳои пӯлодиро барои сохторҳои майдакунии саноати кӯҳканӣ фароҳам меоварад. Дар мамлакатамон имконияти таъмини корхона бо ашёи хоми туфайлӣ ба чандин даҳсолаҳо ҳаст.

Ҳукумати ҷумҳурият маъдангудозони бекободиро ҳаматарафа ҷонибдорӣ мекунад. Тадбирҳо оид ба барҳам задани муаммоҳо дар бобати таъмин будан бо ашёи хом андешида мешаванд. Ба сафарбар кардани корхонаҳо ва ташкилотҳое, ки бо тайёркунӣ ва супурдани оҳанпораҳо ва партовҳои маъданҳои сиёҳу ранга сару кордор ҳастанд, баланд бардоштани дарачаи мнфиатдории моддии онҳо диққату эътибори калон нигаронда шудааст. Дар зарфи солҳои охир нархи хариди ашёи хом чандин маротиба зиёд карда шуд. Алқисса, ҳамкорӣ бо маъдангудозон ба ҳамагон фоида мебахшад. Вале,-зикр ёфт дар маҷлис, - як қатор вазорату идораҳо, мақомоти ҳудудии идора ба тадбири мазкури муҳим мувофиқи дарачаи талаби айём муносибат намекунанд. Аз он ҷумла, захираи «Ӯзметкомбинат» алҳол беш аз 90 ҳазор тоннаро ташкил медиҳад.

Дар маҷлиси комиссия диққату эътибори асосӣ ба масъалаи тайёркунӣ ва супурдани оҳанпораву партовҳои маъданҳои сиёҳу ранга ба азнавкоркард нигаронда шуд. Мутаассифона, тадбирҳо дар бобати ба имзо расондани шартномаҳои расонда додани ашёи хом то ба охир ба иҷро нарасидаанд. Ва суханон пеш аз ҳама ба вилоятҳои Тошканд, Навоӣ ва Андиҷон мансуб мебошанд. Дар айни замон тадбирҳо оид ба рағбатноксозии моддии расонда додани ашёи хом пурзӯр мегарданд. Ҳисобу китоб дар ин бобат сари вақт ба иҷро мерасанд. Вазифаи асосӣ — оқилона истифода бурдани чунин имкониятҳо, гузоштани саҳми муносиб дар бобат бомаром кор кардани корхонае мебошад, ки дар иқтисодиёти мамлакатамон нақши калон дорад.

Дар маҷлиси комиссия тавсияҳои зарурӣ оид ба тезтар барҳам задани камбудиву хатоҳое, ки дар бобати таъмини корхона бо ашёи хоми маъданӣ роҳ гузошта шудаанд, дар моҳи июл пурра гардондани ҳаҷми оҳанпораву партовҳои маъданҳои сиёҳу ранга, ки дар моҳи май бардбод дода шудааст, бечуну чаро иҷро намудани супориши ҳукуматӣ мебошад.

Дар маҷлис ҳокими вилояти Тошканд У.Мирзоқулов иштирок намуд.

Н.ДУШАЕВ,
мухбири ӮзА.

Нақша дар зарфи ҳашт рӯз

Кирмакпарварони ноҳияи Янгийӯл вилояти Тошканд 1717 куттӣ кирмакро ба 1669 хонадон тақсим намуд, онро дар асоси талабу қоидаҳои кирмакпарварӣ парвариш намуда, 90 тонна пилла супурда, дар вилоят аввалин шуда нақшаи шартномавиро ба иҷро расонданд. Тамоми пилла дар зарфи ҳашт рӯз ҷамъ оварда, ба пунктҳои қабул супурда шуд. Аз ҳар куттӣ ба ҳисоби миёна 52,4 килограммӣ пилла ба даст омад.

Ба ғалабаи мазкур кирмакпарварони хоҷагиҳои ширкатии Ниёзбош, Озод, Қовунчӣ саҳми калон гузоштанд. Дар ноҳия супурдани пилла давом дорад.

Тоннаҳои аввалини ғалладона

Ғаллакорони ноҳияҳои ҷанубии ҷумҳурият, аз он ҷумла деҳқононе ноҳияҳои Музработ, Қизириқ, Ҷарқӯрғон, Тирмиз ба саҳро комбайнҳои ғалладаравиро муташаккилона бароварданд. Рӯзи аввали ҷамъоварии ҳосил пурбаракат омад. Як ҳазору 572 гектар ғаллазор даравида ғалла ба анбори қабул роҳ меҳ гирифт ва он ҳосили аввалини соли ҷории ғалладона мебошад.

Ғаллазорҳои вилояти Сурхондарё 95 ҳазор гектарро ташкил медиҳанд. Қисми зиёди онро навъҳои ғалладонаи Чиллакӣ, Половчанка, Крошка, Княжна ташкил медиҳад. Тахмин меравад, ки аз ҳар гектар ба ҳисоби миёна 40,2 сентнерӣ ҳосил бардоштан мумкин аст. Як қатор паймонкорон ва хоҷагиҳои фермерӣ ҳосилнокиро аз ҳар гектар ба 55 —58 сентнерӣ расонданиand.

Натиҷаҳои рӯзҳои аввали дарав аз ҳамин гувоҳӣ медиҳад, ки ғаллакорони вилоят ба маъракаи ҳосилғундорӣ ҷиддан ва ҳаматарафа омода гардидаанд.

(ӮзА).

Қарор ва иҷро

Бунёдкории аср

Ба ҳамагон маълум аст, ки моҳи январи соли 2003 Девони Вазирони ҷумҳурият дар бобати баланд бардоштани суръати сифати корҳои сохтмони аср- роҳи оҳани Ғузор -Қумқӯрғон қарор қабул намуд. Мувофиқи он мебояд сохтмони мазкур соли 2007 пурра хотима ёбад. Қитъаи Деҳқонобод -Бойсун аз ҳисоби маблағҳои ҷалбкунандаи сармоягузорон, қитъаҳои Тошгузар -Деҳқонобод ва Бойсун -Қумқӯрғон солҳои 2003 -2005 аз ҳисоби 20 фоизи маблағи буҷа ва 80 фоиз аз маблағи худии Ширкати давлативу саҳҳомии роҳи оҳани Ӯзбекистон темир йӯллари бунёд мегардад. Ва он бесабаб нест. Марҳала ба марҳала ба истифода супурдани қитъаҳои роҳ пеш аз ҳама бунёд гаштани онро таъмин кунанд, дар айни замон ба бархурдорӣ аз захираҳои маъданиву ашёи хоми ин минтақа мусоидат мекунад.

Алҳол суръати корҳо рӯз то рӯз баланд мегарданд. Ба аввалин сад километр роҳ релсҳо гузошта шуданд. Дар ин ҷо бинокоронеро пайдо кардан мумкин аст, ки ба иҷрои корҳои мухталиф машғул мегарданд. Дар байнашон ҳам булдозерчиёну экскаваторчиён, ҳам ронандагони мошинҳои вазнинбор, кӯпруксозону релсгузорон, челонгару харротонро дидан мумкин аст. Алалхусус, меҳнати зарбдоронаи аъзоёни бригадаи комплексии Шералӣ Раҳимов, бинокорону релсгузорон Фахриддин Субҳонов, Собир Хувайтов, Шавкат Абдурашидов, Анвар Мағазов самараи хуби худро мебахшад. Баробари сохтмони роҳ ба бунёди шабакаҳои хизматрасонӣ ҳам диққату эътибор пурзӯр гардидааст. Бинои вокзалҳо, шабакаҳои кӯмаки техникӣ, адои хизмат низ сохта мешаванд. Аз он ҷумла, бинои вокзал дар соли 2001 дар Деҳқонобод оғоз ёфта буд. Алҳол он қад кашида, тамоми корҳои бунёдкорӣ анҷоми худро ёфтаанду ба пардоздиҳии он шурӯъ кардаанд. Ба ҳамин монанд биноҳо дар қад-қади сохтмони аср алҳол аз ҷиҳати теъдод меафзояд. Дар айни замон барои фароҳам овардани шароити меҳнату истироҳат ба бунёдкорон диққату эътиборро пурзӯр гардондааст.

Тайёркунии кадрҳо ҳам давом дорад. Чунки ҳамагон медонанд, ки бидуни кадрҳои соҳибмалака пеш бурдани соҳаи дилхоҳ имконнопазир аст.

Алқисса, сохтмони аср суръату сифати баланд пайдо карда, мувофиқи нақшае ба рӯи об бароварда мешавад, ки тасдиқи пешакии худро дар қарори ҳукуматӣ ёфта буд. Ва он боварии калон мебахшад, ки сохтмони роҳи оҳани мазкур дар мӯҳлате ба анҷом расонда мешавад, ки дар қарори ҳукумат нишон дода шудааст.

Алишер ОЧИЛОВ,
саринспектори Маъмурияти оид ба сохтмони асосӣ ва азнавҷиҳозонии бахши қаршигии ширкати роҳи оҳани «Ӯзбекистон темир йӯллари».

Дарави ғалла

Ғаллакорони хоҷагии ширкатии «Халқобод»-и ноҳияи Ҷарқӯрғони вилояти Сурхондарё дар ёнаҳои қаторкӯҳҳои Боботоғ деҳқонӣ мекунанд. Ба он нигоҳ накарда, ки ҳаво дар ин ҷо нисбатан салқинтар аст, ҳар сол барои руёндани ғаллаи барвақтӣ муваффақ мегарданд ва онро самараи меҳнати диловарона ва ба кор бурдани таҷрибаву маҳорати деҳқонӣ мепиндоранд.

Имсол низ аҳли меҳнати хоҷагӣ ба 872 гектар ғалла коридand ва имрӯзҳо ба дарави ғалла шурӯъ намуданд. Алҳол дар ғаллазори хоҷагӣ ҳашт комбайни «Кейс» ҷавлон мезанад ва аз меъёр бештар ғалла медаравад. Самараи кори пурмаҳсули ин комбайнҳост, ки алҳол маъракаи ғалладаравай ба анҷом мерасад.

Бояд тазаккур дод, ки ғаллазори хоҷагӣ ба 92 пудратчии оилавӣ тақсим гардидааст ва азбаски деҳқон аз натиҷаи ниҳоӣ-маҳсулот фоида мебинад, аз ин рӯ ҳар кадом барои фаровон шудани ҳосил ва хушсифат гаштанаш пайваста мекӯшанд. Ҳоли ҳозир дар хоҷагӣ ба ҳисоби миёна 100-120 гектар ғалла даравида, ҳосил пешопеш ба майдончаву пунктҳои қабул роҳ пеш мегиранд. Аз ҳар гектар алҳол ба ҳисоби миёна 45-50 сентнерӣ ғалладона бардоштан аз он гувоҳӣ медиҳад, ки деҳқонон хуб меҳнат кардаанд.

Ғаллакорони хоҷагии ширкатӣ мувофиқи шартнома мебоист дар зарфи даҳ рӯз ба давлат 1900 тонна ғалла мефурӯхтанд. Ин нишондиҳанда алҳол ба 2160 тонна иҷро гардидааст. Дар айни замон ғалла ба ҳисоби нақшаи иловагӣ супурда мешавад ва аз ҳамин гувоҳӣ медиҳад, ки хонадони деҳқон ҳам аз ғалла фаровон хоҳад шуд.

Дар сурат: комбайнрон **Парда Худойқулов** ва **Ғайрат Тилавов** бо сарҳосилоти хоҷагӣ **Раҳим Назаров** (дар байн) дар ғаллазор.

Матн ва сурати Искандар ХӮҶАЕВ (ӮзА).

Қонуни Ҷумҳурияти Ўзбекистон

Дар бораи ворид кардани тағйироту иловаҳо ба Конституцияи Ҷумҳурияти Ўзбекистон

Тағйиротҳои кунунӣ ба меъёрҳои моддаҳои Конституцияи Ҷумҳурияти Ўзбекистон асосан ба бобҳои XVШ-XX, фасли панҷуми боби XXIII дахл дошта, ба қарорҳои раъйпурсии Ҷумҳурияти Ўзбекистон, ки 27 январи соли 2002 оид ба масъалаҳои дар интихоботи оянда интихоб кардани парлумони дупалатагии Ҷумҳурияти Ўзбекистон ва тағйир додани мўҳлати ваколати конституцсионии Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон аз панҷ ба ҳафт сол гузаронда шуд, алоқаманд мебошанд.

Мувофиқи қарорҳои раъйпурсӣ Қонунҳои конституцсионӣ «Дар бораи натиҷаҳои раъйпурсӣ ва усулиятҳои асосии ташкили ҳокимияти давлатӣ», «Дар бораи Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон», «Дар бораи Палатаи Қонунбарории Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон» қабул гардиданд, ки замина барои ворид кардани тағйироту иловаҳои дахлдор ба Конституцсияи Ҷумҳурияти Ўзбекистон гардиданд. Бо назардошти фикрҳои баёншуда бобҳо ва моддаҳои дахлдори Конституцсия дар таҳрири зайл қабул мегардand:

«Боби XVIII. Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон»

Моддаи 76. Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон мақомоти олии давлатии сернамоянда буда, ҳокимияти қонунбароориро ба амал мебарорад. Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон аз ду палата—Палатаи Қонунбарорӣ (палатаи поёнӣ) ва Сенат (палатаи болоӣ) иборат аст. Мўҳлати ваколати Палатаи Қонунбарорӣ ва Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон панҷ сол мебошад.

Моддаи 77. Палатаи Қонунбарории Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон аз яксаду бист вакили халқ иборат аст, ки дар ҳавзаҳои интихоботии ҳудудӣ дар асоси серҳизбӣ интихоб карда мешаванд.

Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон палатаи намояндагии ҳудудӣ буда, аз аъзои Сенат (сенаторон) иборат аст.

Узви Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон ба миқдори баробар—шаш нафарӣ аз Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, вилоятҳо, шаҳри Тошканд бо роҳи овоздиҳии махфӣ дар маҷлиси муштараки дахлдори вакилони халқи Жокарги Кенгеси Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, мақомоти сернамояндаи ҳокимияти давлатии вилоятҳо, ноҳияҳо, шаҳрҳо аз ҷумлаи вакилони халқи онҳо интихоб карда мешаванд. Шонздаҳ узви Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистонро Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон аз ҷумлаи шаҳрвандони обрўманди дорои таҷрибаи калони амалӣ ва хизматҳои калонашон дар соҳаи илм, санъат, адабиёт, истеҳсолот ва дигар соҳаҳои фаъолияти давлативу ҷамъиятӣ таъин менамояд.

Ҳуқуқи вакили халқи Палатаи Қонунбарории Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон, ҳамчунин узви Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон гардиданро шаҳрванди Ҷумҳурияти Ўзбекистоне дорад, ки то рўзи интихобот ба синни бисту панҷ расидааасту дар ҳудуди Ҷумҳурияти Ўзбекистон камаш панҷ сол истиқомат кардааст. Талаботро нисбат ба номзадҳо ба вакили халқ қонун муайян мекунад. Ҳамон як шахс дар як навбат вакили халқи Палатаи Қонунбарорӣ ва узви Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон буда наметавонад.

Моддаи 78. Ба ваколати муштараки Палатаи Қонунбарорӣ ва Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон инҳо мутаалликанд:

1/ Қабул кардани Конституцсияи Ҷумҳурияти Ўзбекистон, ба он дохил кардани тағйирот ва иловаҳо;

2/ қабули Қонунҳои конституцсионӣ, Қонунҳои Ҷумҳурияти Ўзбекистон, ворид кардани тағйироту иловаҳо ба онҳо;

3/ қабули қарор дар бобати гузарондани раъйпурсии Ҷумҳурияти Ўзбекистон ва таъин кардани рўзи гузарондани он;

4/ муайян кардани самтҳои асосии сиёсати дохилаву берунаи Ҷумҳурияти Ўзбекистон ва қабул кардани барномаҳои стратегии давлатӣ;

5/ муайян кардани низом ва ваколати мақомоти ҳокимиятҳои қонунбарорӣ, иҷроия ва судии Ҷумҳурияти Ўзбекистон;

6/ ба ҳайати Ҷумҳурияти Ўзбекистон қабул намудани воҳидҳои нави давлатӣ ва тасдиқ намудани қарорҳо дар бораи аз ҳайати Ҷумҳурияти Ўзбекистон баромадани онҳо:

7/ бо қонунҳо ба тартиб овардани корҳои гумрукӣ, асъорӣ ва вомдиҳӣ;

8/ бо пешниҳоди Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ўзбекистон қабул кардани Бўҷаи давлатии Ҷумҳурияти Ўзбекистон ва назорати иҷрои он;

9/ муқаррар кардани андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ;

10/ бо қонунҳо танзим гардондани масъалаҳои сохти маъмуриву қаламравӣ, тағйир додани сарҳадҳои Ҷумҳурияти Ўзбекистон;

11/ созмон додан, бекор кардан, тағйир додани номҳои ноҳияҳо, шаҳрҳо, вилоятҳо ва тағйир додани сарҳадҳои онҳо;

12/ таъсиси мукофоту унвонҳои давлатӣ;

13/ тасдиқ намудани фармонҳои Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон дар бобати созмон додан ва беэътибор донистани вазоратҳо, комитаҳои давлатӣ ва дигар мақомоти идораи давлатӣ;

14/ созмон додани Комиссияи Марказии интихоботии Ҷумҳурияти Ўзбекистон;

15/ мувофиқи тавсияи Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон баррасӣ кардан ва тасдиқ намудани номзадии Нахуствазири Ҷумҳурияти Ўзбекистон;

16/ интихоби Ваколатдори Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон оид ба ҳуқуқҳои инсон ва ё ҷонишини он;

17/ баррасии ҳисоботи Палатаи ҳисобкунии Ҷумҳурияти Ўзбекистон:

18/ тасдиқ намудани Фармонҳои Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон дар бораи вазъи ҷанг эълон кардан дар мавриди ҳуҷум ба Ҷумҳурияти Ўзбекистон ва ё дар мавриди зарурат иҷро намудани ўҳдадориҳои шартномавӣ оиди дифои байниҳамдигарӣ аз таҷовуз;

19/ тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон дар бораи эълон кардани сафарбарии умумӣ ва ҷузъӣ, дар бобати ҷорӣ кардан, дароз кардан ва қатъ гардондани арзи амали вазъияти фавқулодда;

20/ ратификатсия ва денонатсияи шартномаҳои байналхалқӣ;

21/ амалӣ гардондани дигар ваколатҳое, ки Конституцсияи мазкур пешбинӣ намудааст.

Масъалаҳое, ки ба ваколати муштараки палатаҳо мансубанд, чун қоида сараввал дар Палатаи Қонунбарорӣ ва баъд дар Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон баррасӣ мегарданд.

Моддаи 79. Ба ваколати мутлақи Палатаи Қонунбарории Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон инҳо мансубанд:

1/ интихоби Спикери Палатаи Қонунбарории Ҷумҳурияти Ўзбекистон, ҷонишинони он, раиси кумитаҳо ва ҷонишинони онҳо;

2/ ҳаллу фасли масъалаҳои маҳрум сохтани вакили халқи Палатаи Қонунбарории Ҷумҳурияти Ўзбекистон дар хусуси ҳуқуқи дахлнопазирӣ мувофиқи тақдимоти Додситони Кулли Ҷумҳурияти Ўзбекистон;

3/ қабули қарорҳо оид ба масъалаҳое, ки бо ташкили фаъолияти ҳуд ва тартиби кори дохилаи палата алоқаманд ҳастанд;

4/ қабули қарорҳо оид ба ин ё он масъалаҳо дар соҳаи ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ, ҳамчунин масъалаҳои сиёсати дохилаву берунаи давлат.

Моддаи 80. Ба ваколати мутлақи Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон инҳо мансубанд:

1/ интихоби Раиси Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон ва ҷонишинони он, раисони кумитаҳо ва ҷонишинони онҳо;

2/ мувофиқи пешниҳоди Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон интихоб кардани Суди Конституцсионии Ҷумҳурияти Ўзбекистон;

3/ мувофиқи пешниҳоди Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон интихоб кардани Суди Олии Ҷумҳурияти Ўзбекистон;

4/ бо пешниҳоди Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон интихоб намудани Суди Олии ҳоҷагидории Ҷумҳурияти Ўзбекистон;

5/ бо пешниҳоди Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон ба вазифа таъин кардан ва озод намудани раиси Кумитаи давлатии Ҷумҳурияти Ўзбекистон оид ба ҳифзи табиат;

6/ тасдиқ намудани Фармонҳои Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон дар бораи ба вазифа таъин кардан ва озодкунии Додситони Кулли Ҷумҳурияти Ўзбекистон ва ҷонишинони он;

7/ тасдиқи фармонҳои Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон дар бораи ба вазифа таъин кардан ва озодкунии раиси Умури амнияти миллии Ҷумҳурияти Ўзбекистон;

8/ бо пешниҳоди Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон таъин кардан ва аз вазифа озодкунии намояндагиҳои дипломатӣ ва дигар намояндагиҳои Ҷумҳурияти Ўзбекистон дар давлатҳои хориҷӣ;

9/ мувофиқи пешниҳоди Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон ба вазифа таъин кардан ва аз вазифа озодкунии раиси садорати Бонки Марказии Ҷумҳурияти Ўзбекистон;

10/ бо пешниҳоди Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон қабул кардани санадҳо дар бораи авф;

11/ мувофиқи пешниҳоди Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон ҳаллу фасли масъалаи маҳрум сохтани аъзои Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон дар бораи ҳуқуқи дахлнопазирӣ;

12/ шунидани ҳисоботҳои Додситони Кулли Ҷумҳурияти Ўзбекистон, раиси Кумитаи давлатии Ҷумҳурияти Ўзбекистон оид ба ҳифзи табиат, раиси садорати Бонки Марказии Ҷумҳурияти Ўзбекистон;

13/ қабули қарорҳо оид ба масъалаҳои алоқаманди ташкили фаъолият ва тартиби дохилаи палата;

14/ қабули қарорҳо оид ба ин ё он масъалаҳо дар соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ, ҳамчунин масъалаҳои сиёсати дохилаву берунаи давлат.

Моддаи 81. Баробари ба анҷом расидани ваколатҳои ҳуд Палатаи Қонунбарорӣ ва Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон фаъолияти ҳудро то оғози кори мутобиқан даъвати нави Палатаи Қонунбарорӣ ва Сенат давом медиҳад.

Маҷлисҳои аввали Палатаи Қонунбарорӣ ва Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистонро Комиссияи Марказии интихоботӣ на камтар аз ду моҳи баъди интихобот ба Палатаи Қонунбарорӣ ва на кам аз як моҳи баъди созмон додани Сенат даъват мекунад.

Маҷлисҳои Палатаи Қонунбарории Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон дар давраи иҷлосияҳо гузаронда мешавад. Иҷлосия, чун қоида, аз рўзи аввали кории моҳи сентябр то рўзи охирини кории моҳи июни соли оянда гузаронда мешавад.

Маҷлиси Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон аз рўи зарурат на кам аз се маротиба дар давоми сол гузаронда мешавад.

Маҷлисҳои палатаҳои Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон дар он сурат ваколатдор ҳисобида мешавад, ки дар кори он на кам аз нисфи тамоми вакилони халқ ва сенаторон иштирок намудаанд.

Ҳини қабули қонунҳои конституцсионӣ аз се ду қисми миқдори умумии вакилони халқ, сенаторон иштирок намуданашон шарт аст.

Дар маҷлисҳои Палатаи Қонунбарорӣ ва Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон, ҳамчунин дар маҷлисҳои мақомоти онҳо Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон, Нахуствазир, аъзоёни Девони Вазирон, раисони Суди Конституцсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии ҳоҷагидорӣ, Додситони Кулли ҷумҳурият, раиси садорати Бонки Марказӣ иштирок карда метавонанд. Дар маҷлисҳои Палатаи Қонунбарории Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон ва мақомоти он раиси Сенат, дар маҷлисҳои Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон ва мақомоти он бошад, Скипери Палатаи Қонунбарорӣ иштирок карда метавонанд. Палатаи Қонунбарорӣ ва Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон маҷлисҳои ҳудро ба алоҳидагӣ мегузаронанд.

Маҷлиси муштараки Палатаи Қонунбарорӣ ва Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон ҳангоми қасамёд кардани Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон, суханронии Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон оид ба масъалаҳои муҳимтарини ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ, сиёсати дохилаву берунаи мамлакат, суханрониҳои сарварони давлатҳои хориҷа гузаронда мешавад. Мувофиқи ризоияти палатаҳо маҷлиси муштараки палатаҳо оид ба дигар масъалаҳо ҳам гузаронда шуданашон мумкин аст.

Моддаи 82. Палатаи Қонунбарорӣ ва Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон оид ба масъалаҳои доири ваколаташон қарорҳо қабул мекунанд. Қарорҳои Палатаи Қонунбарорӣ ва Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон бо миқдори зиёди овози аз ҷумлаи вакилони халқи Палатаи Қонунбарорӣ ва ё узви Сенат, дар мавридҳои ҷудогонае қабул мегарданд, ки Конституцсияи мазкур пешбинӣ кардааст.

Моддаи 83. Ҳуқуқи ташаббуси Қонунгузорӣ ба Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон, Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон дар шахсияти мақомоти олии сернамояндаи ҳокимияти давлатӣ, вакилони халқи Палатаи Қонунбарории Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон, Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ўзбекистон, Суди Конституцсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии ҳоҷагидорӣ, Додситони Кулли Ҷумҳурияти Ўзбекистон мансуб аст ва тавассути пешкаш кардани лоиҳаи қонун ҳамчун субекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба Палатаи Қонунбарории Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон ба амал бароварда мешавад.

Моддаи 84. Қонун дар мавриде эътибори ҳуқуқӣ пайдо мекунад, агар он аз ҷониби Палатаи Қонунбарорӣ қабул гардида, аз тарафи Сенат маъқул дониста мешаваду Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон имзо мегузораду дар нашрияҳои расмӣ мувофиқи тартиби пешбинигардидаи қонунгузорӣ рўи ҷопро мебинад.

Қонуне, ки аз тарафи Палатаи Қонунбарории Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон қабул мегардад, на камтар баъди дах рўзи қабулаш ба Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон фиристода мешавад.

Қонуне, ки аз тарафи Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳуряти Ўзбекистон маъқул дониста мешавад, дар зарфи дах рўз барои имзо ба Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон ва эълон кардан фиристода мешавад.

Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон дар бадали сӣ рўз ба қонун имзо мегузорад ва он эълон карда мешавад.

Қонуне, ки аз тарафи Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон қабул нагардидааст, ба Палатаи Қонунбарории Олий Маҷлиси Ҷумҳуряти Ўзбекистон баргардонда мешавад. Агар ҳини баррасии такрории қонуне, ки Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳуряти Ўзбекистон баргардондааст, Палатаи Қонунбарорӣ бо овози зиёд, яъне аз се ду ҳиссаи овози миқдори умумии вакилони халқ онро такроран қабул кунад, вай аз ҷониби Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон қабулшуда ҳисобида, аз тарафи Палатаи Қонунбарорӣ ба Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон барои имзо ва эълон кардан фиристода мешавад.

Баробари аз ҷониби Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон рад кардани қабули он Палатаи Қонунбарорӣ ва Сенат метавонанд аз ҷумлаи вакилони халқи Палатаи Қонунбарорӣ ва узви Сенат комиссияи ризоятмандро барои бартараф сохтани гуногунфикрии ба амал омада созмон диҳанд. Ҳангоми пешкаш кардани таклифҳои палатаҳо ба комиссияи ризоманди қонун ҳатман барои баррасӣ мувофиқи тартиби оддӣ мансуб аст.

Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон ба бозгардондани он бо эътирозҳои ҳуд ба Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон ҳуқуқ дорад.

Дар мавриди маъқул донистани қонун дар шакли пештараш аз ҷониби қисми зиёд, яъне аз се ду ҳиссаи овозҳо аз миқдори умумии онҳо мутобиқан аз ҷумлаи вакилони халқи Палатаи Қонунбарорӣ ва узви Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон қонун барои имзо гузоштан ба Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон ва эълон кардани он дар бадали ҷордаҳ рўз мансуб аст.

Эълон гардидани қонунҳо ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ шарти ҳатмии истифода бурдани онҳо мебошад.

Моддаи 85. Палатаи Қонунбарории Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон аз таркиби ҳуд Спикери Палатаи Қонунбарорӣ ва ҷонишинони ўро интихоб мекунад. Спикери Палатаи Қонунбарории Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон ва ҷонишинони он бо овози зиёди миқдори умумии вакилони халқ бо овозиҳии махфӣ ба мўҳлати ваколати Палатаи Қонунбарорӣ интихоб карда мешаванд.

Спикери Палатаи Қонунбарории Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон мувофиқи қарори Палатаи Қонунбарорие, ки бо овози аз се ду ҳиссаи миқдори умумии вакилони халқи Палатаи Қонунбарорӣ бо овоздиҳии махфӣ қабул гардидааст, бармаҳал бозхонданаш мумкин аст.

Спикери Палатаи Қонунбарории Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон:

1/ маҷлисҳои Палатаи Қонунбароориро даъват мекунад, дар онҳо раисӣ менамояд;

2/ роҳбарии умумиро барои тайёр кардани масъалаҳое амалӣ мегардонад, ки ба баррасии Палатаи Қонунбарорӣ пешкаш карда мешаванд;

3/ фаъолияти кумитаҳо ва комиссияҳои Палатаи Қонунбароориро мутобиқ месозад;

4/ назоратро аз болои иҷрои Қонунҳои Ҷумҳурияти Ўзбекистон ва қарорҳои Палатаи Қонунбарорӣ ба роҳ мемонад;

5/ ба корҳо оиди ба рўи об баровардани равобити байнипарлумонӣ ва фаъолияти гурўҳҳои Палатаи Қонунбарорӣ сарварӣ мекунад, ки бо кор бо ташкилотҳои парлумонии байналхалқӣ алоқаманд мебошанд;

6/ ҳимоятгари манфиатҳои Палатаи Қонунбарорӣ дар муносибатҳои мутақобила бо Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон, дигар мақомоти давлатӣ, давлатҳои хориҷа, ташкилотҳои байналхалқӣ ва дигар ташкилотҳо мебошад.

7/ ба қарорҳои Палатаи Қонунбарорӣ имзо мегузорад;

8/ дигар ваколатҳоеро ба рўи об мебарорад, ки Конституцсияи мазкур ва қонунгузорӣ пешбинӣ кардаанд.

Спикери Палатаи Қонунбарории Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон амрро интишор мекунад.

Моддаи 86. Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон аз таркиби ҳуд Раиси Сенат ва ҷонишини ўро интихоб мекунад. Раиси Сенат бо пешниҳоди Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон интихоб карда мешавад.

Яке аз ҷонишинони Раиси Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон намояндаи Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон мебошад.

Раиси Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон ва ҷонишинони он бо қисми зиёди овоз аз ҷумлаи сенаторон, бо овоздиҳии махфӣ ба мўҳлати ваколати Сенат интихоб карда мешавад.

Раиси Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳуряти Ўзбекистон мувофиқи қарори Сенат, ки бо овози аз се ду ҳиссаи миқдори умумии сенаторон бо овоздиҳии пинҳонӣ қабул гардидааст, бозхонда шуданаш мумкин аст.

Раиси Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон:

1/ маҷлиси Сенатро даъват намуда, ба он раисӣ мекунад;

2/ роҳбарии умумиро ба тайёркунии масъалаҳое ба амал мебарорад, ки ба баррасии Сенат пешкаш мегарданд;

3/ фаъолияти кумитаҳо, комиссияҳои Сенатро мутобиқ месозад;

4/ назоратро аз болои иҷрои қонунҳои Ҷумҳурияти Ўзбекистон ва қарорҳои Сенат ба рўи об мебарорад;

5/ ба кори амалӣ гардондани равобити байнипарлумонӣ ва фаъолияти гурўҳҳои Сенат, ки бо кор бо ташкилотҳои байналхалқӣ ва дигар ташкилотҳо алоқаманд мебошанд, сарварӣ мекунад;

6/ дар муносибатҳои мутақобила бо Палатаи Қонунбарории Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон, дигар мақомоти давлатӣ, давлатҳои хориҷӣ, ташкилотҳои байналхалқӣ ва дигар ташкилотҳо ҳимоякунандаи манфиатҳои Сенат мебошад;

7/ ба қарорҳои Сенат имзо мегузорад;

8/ дигар ваколатҳоеро ба рўи об мебарорад, ки Конституцсияи кунунӣ ва дигар қонунҳо пешбинӣ кардаанд.

Раиси Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон амрҳоро интишор менамояд.

Моддаи 87. Палатаи Қонунбарории Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон дар мўҳлати ваколати ҳуд аз ҷумлаи вакилони халқи Палатаи Қонунбарорӣ кумитаҳоро барои пеш бурдани корҳои қонунбарорӣ, пешкаш баррасӣ кардан ва тайёркунии масъалаҳое, ки ба Палатаи Қонунбарорӣ пешкаш мегарданд, назорати иҷрои Қонунҳои Ҷумҳурияти Ўзбекистон ва қарорҳоеро созмон медиҳад, ки Палатаи Қонунбарорӣ қабул намудааст.

Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон дар мўҳлати ваколати ҳуд аз ҷумлаи сенаторон кумитаҳоро барои пеш бурдани корҳо оид ба баррасӣ ва тайёркунии масъалаҳое, ки ба Сенат гузошта мешаванд, назорати иҷрои қонунҳои Ҷумҳурияти Ўзбекистон, қарорҳоеро созмон медиҳад, ки Сенат қабул кардааст.

Палатаи Қонунбарорӣ ва Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон дар мавриди зарурат барои иҷрои вазифаҳои мушаҳхас комиссияҳоро аз ҷумлаи вакилони халқ, сенаторон созмон дода метавонанд.

Модда 88. Ба вакилони халқи Палатаи Қонунбарорӣ ва узви Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон мувофиқи тартиби муқарраргардида ҳароҷотҳое пардохта мешаванд, бо фаъолияти депутатӣ ва сенаторӣ алоқаманд мебошанд.

Вакилони халқи Палатаи Қонунбарорӣ ва узви Сенате, ки дар Палата ва Сенат дар асоси доимӣ кор мекунанд, дар давраи ваколати ҳуд наметавонанд бо дигар намудҳои фаъолияти муздгиранда, ба ғайр аз фаъолияти илмиву омўзгорӣ машғул гардand.

Вакили халқи Палатаи Қонунбарорӣ ва узви Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон аз ҳуқуқи дахлнопазирӣ истифода мебаранд. Онҳо бе розигии мутобиқан Палатаи Қонунбарорӣ ва ё Сенат ба ҷавобгарии ҷиноӣ кашида намешаванд, ҳабс намегарданд, боздошта намешаванд ва ё бо тадбирҳои ҷазодиҳии маъмурӣ, ки мувофиқи тартиби судӣ ситонда мешаванд, кашида намешаванд».

«Моддаи 89. Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурияти Ўзбекистон мебошад».

«Модддаи 90. Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон шаҳрванди Ҷумҳурияти Ўзбекистон, ки аз сиюпанҷ сол ҷавонтар нест, бо забони давлатӣ озодона гуфтугӯ карда метавонад, дар қаламрави Ҷумҳурияти Ўзбекистон пеш аз интихоб камаш 10 сол бевосита истиқомат кардааст, шуда метавонад. Ҳамон як шахс паи ҳам аз ду мўҳлат зиёдтар Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон шуда наметавонад.

Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон аз тарафи шаҳрвандони Ҷумҳурияти Ўзбекистон дар асоси ҳуқуқи умумӣ, баробар ва бевоситаи интихоботӣ зимни овоздиҳии махфӣ ба мўҳлати ҳафт сол интихоб карда мешавад.

Тартиби интихоби Президентро қонунгузории Ҷумҳурияти Ўзбекистон муайян месозад».

«Модда 93. Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон:

1/ ба риояи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон, Конституцсия ва қонунҳои Ҷумҳурияти Ўзбекистон кафолат медиҳад;

2/ тадбирҳои заруриро оид ба ҳифзи соҳибихтиёрӣ, амният ва якпорчагии ҳудуди Ҷумҳурияти Ўзбекистон, амалӣ гардондани қарорҳо оид ба масъалаҳои сохтори милливу давлатӣ меандешад;

3/ манфиатҳои Ҷумҳурияти Ўзбекистонро дар дохили мамлакат ва муносибатҳои байналхалқӣ ҳимоя мекунад;

4/ гуфтушунидҳо гузаронда, шартномаҳо ва созишномаҳои Ҷумҳурияти Ўзбекистонро имзо мегузорад, риояи шартномаву созишномаҳои ҷумҳурият имзокарда ва ўҳдадориҳои ба зимма қабулкардаи онро таъмин месозад:

5/ ваколатномаҳо ва даъватномаҳои бозхондани намояндагиҳои дипломатӣ ва дигар намояндагиҳоро қабул мекунад;

6/ ба Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон номзадҳоро барои таъин кардан ба намояндагиҳои дипломатӣ ва дигар намояндагиҳои Ҷумҳурияти Ўзбекистон дар давлатҳои хориҷа пешкаш менамояд;

7/ ба Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон ҳар сол маърўзаро дар хусуси масъалаҳои муҳимтарини ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ, сиёсати дохилаву берунаи мамлакат пешкаш мекунад;

8/ дастгоҳи ҳокимияти иҷроияро ба вуҷуд оварда, ба фаъолияти он сарварӣ мекунад;

амалиёти мутақобилаи мақомоти олии ҳокимият ва идораи ҷумҳуриятро таъмин месозад; вазоратҳо, комитаҳои давлатӣ ва дигар мақомоти идораи давлатиро барои пешкаш кардани фармон оид ба ин масъалаҳо ба тасдиқи палатаҳои Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон созмон медиҳад ва беэътибор мегардонад;

9/ Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳуряти Ўзбекистон номзадҳоро барои интихоб ба вазифаи Раиси Сенат пешкаш мекунад:

10/ барои баррасӣ ва тасдиқи палатаҳои Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон номзадии Нахуствазири Ҷумҳурияти Ўзбекистонро пешкаш мекунад;

11/ баробари пешниҳоди Нахуствазири Ҷумҳурияти Ўзбекистон узви Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ўзбекистонро тасдиқ менамояд;

12/ ба вазифа Додситони Кулли Ҷумҳурияти Ўзбекистон, ҷонишинони онро баробари минбаъда тасдиқ кардани онҳо дар Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон таъин мекунад ва озод менамояд;

13/ ба Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон номзадҳоро ба вазифаи раисӣ ва судяҳои Суди Конституцсионӣ, раис ва судяҳои Суди Олӣ, раис ва судяҳои Суди Олии ҳоҷагидорӣ, раиси садорати Бонки Марказии Ҷумҳурияти Ўзбекистон, раиси Кумитаи давлатии Ҷумҳурияти Ўзбекистон оид ба ҳифзи табиат пешкаш мекунад;

14/ судяҳои судҳои вилоятӣ, байниноҳиявӣ, ноҳиявӣ ва шаҳрӣ, харбӣ ва ҳоҷагидориро ба вазифа таъин мекунад, аз он озод менамояд;

15/ ба вазифа ҳокимони вилоятҳо ва шаҳри Тошкандро баробари тасдиқи он аз тарафи Кенгашҳои дахлдори вакилони халқ таъин мекунад, озод менамояд. Президент ҳуқуқ дорад, ки бо қарори ҳуд ҳокимони ноҳияҳо ва шаҳрҳоро дар мавриди аз ҷониби онҳо вайрон кардани талаботи Конституцсия, қонунҳо ва дигар амалиёти зидди қонунӣ аз вазифа озод намояд, ки ба шаъну эътибори ҳоким нолоиқ мебошанд;

16/ санадҳои мақомоти идораи давлатии ҷумҳурият, ҳамчунин ҳокимонро бозмедорад, бекор мекунад.

17/ Қонунҳои Ҷумҳурияти Ўзбекистонро имзо мегузорад ва эълон мекунад; ҳуқуқ дорад, ки эътирозҳои ҳудро ба Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон барои муҳокима ва овоздиҳии такрорӣ фиристад;

18/ дар мавриди сар задани ҳучум ба Ҷумҳурияти Ўзбекистон ва дар мавриди зарурати иҷрои ўҳдадориҳои шартномавӣ оид ба мудофиаи байниҳамдигарӣ аз таҷовуз сар задани вазъи ҷангро эълон мекунад ва дар бадали се шабонарўз баробари қабули қарор ба тасдиқи палатаҳои Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон пешкаш мекунад;

19/ дар мавридҳои ҷудогона (хавфи воқеии беруна, бетартибиҳои оммавӣ, садамаи калон, офатҳои табиӣ, касалиҳои сироятӣ ва ҷунанда) бахри манфиати таъмини амниятӣ шаҳрвандон вазъияти фавқулоддаро дар тамоми қаламрав ва ё дар маҳалҳои ҷудогонаи Ҷумҳурияти Ўзбекистон эълон мекунад ва қарори қабулшударо барои тасдиқи палатаҳои Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон дар бадали се рўз пешкаш мекунад ва тартиби ҷорӣ кардани вазъияти фавқулодда бо қонун танзим гардонда мешавад;

20/ Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурияти Ўзбекистон буда, Қўмондони Олии Қувваҳои Мусаллаҳро таъин мекунад ва аз вазифа озод менамояд, унвонҳои оливу ҳарбиро медиҳад;

21/ бо орденҳо, медалҳо ва Ифтихорномаи Ҷумҳурияти Ўзбекистон тақдир мекунад, унвонҳои касбӣ ва шоистаи Ҷумҳурияти Ўзбекистонро медиҳад;

22/ масъалаи шаҳрвандии Ҷумҳурияти Ўзбекистонро ҳал мекунад ва паноҳгоҳи сиёсӣ медиҳад;

23/ Ба Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон тақдимотро дар хусуси қабули санадҳои авф ва амалӣ гардондани авфи шахсоне пешкаш мекунад, ки аз тарафи судҳои Ҷумҳурияти Ўзбекистон маҳкум карда шудаанд;

24/ Умури амнияти миллии Ҷумҳурияти Ўзбекистонро ба вуҷуд меоварад. Раиси Умури амнияти миллиро баробари интишори фармон оид ба ин масъалаҳо барои тасдиқи Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳуряти Ўзбекистон ба вазифа таъин мекунад ва аз он озод менамояд;

25/ дигар ваколатҳоеро ба ҷо меоварад, ки Конституцсияи кунунӣ ва қонунҳои Ҷумҳурияти Ўзбекистон пешбинӣ кардаанд.

Президент ҳақ надорад, ки иҷрои ваколатҳои ҳудро ба зиммаи мақомоти давлатӣ ва ё шахсони мансабдор гузорад».

**«

Дар бораи ворид кардани тағйироту иловаҳо ба Конституцияи Ҷумҳурияти Ўзбекистон

(Аввалаш дар саҳ.2)

Таркиби Девони Вазиронро Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон ба вуҷуд меорад. Номзадии Нахуствазири Ҷумҳурияти Ўзбекистон дар палатаҳои Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон бо пешниҳоди Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон баррасӣ мегардад ва тасдиқ меёбад. Узви Девони Вазиронро бо пешниҳоди Нахуствазири Ҷумҳурияти Ўзбекистон Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон тасдиқ менамояд. Девони Вазирон роҳбариро барои босамар арзи ҳастӣ кардани иқтисодиёт, соҳаҳои ичтимоиву маънавӣ, ичрои қонунҳои Ҷумҳурияти Ўзбекистон,

қарорҳои Олий Маҷлис, фармонҳо, қарорҳо ва амрҳои Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон амалӣ мегардонад.

Девони Вазирон мувофиқи қонунгузории дар амалбуда қарорҳо ва амрҳо қабул мекунад, ки дар тамоми қаламрави Ҷумҳурияти Ўзбекистон ичрои онҳо аз тарафи тамоми мақомот, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо, шахсони мансабдор ва шахрвандон ҳатмӣ мебошад. Нахуствазири Ҷумҳурияти Ўзбекистон фаъолияти Девони Вазиронро ба роҳ монда, ба он роҳбарӣ мекунад, барои босамарии кори он шахсан ҷавобгар аст, дар маҷлисҳои Девони Вазирон раисӣ мекунад, ба қарорҳои он имзо мегузорад, мувофиқи супориши Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон

манфиатҳои Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ўзбекистонро дар муносибатҳои байналхалқӣ ҳимоя мекунад, дигар вазифаҳоеро мувофиқи қонунҳои Ҷумҳурияти Ўзбекистон, фармонҳо, қарорҳо ва амрҳои Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон ба ичро мерасонад. Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон ҳукуқ дорад дар маҷлисҳои Девони Вазирон раисӣ кунад, қарорҳоро оид ба масъалаҳои мансуби ваколати Девони Вазирон қабул кунад, ҳамчунин қарору амрҳои Девони Вазирон, амрҳои Нахуствазири Ҷумҳурияти Ўзбекистонро бо назардошти моддаҳои 89 ва 93 Конституцияи кунунӣ беэътибор созад.

Девони Вазирон ҳини амалӣ гардондани фаъолияти хеш дар назди Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон ва Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон ҷавобгар мебошад. Девони Вазирон ваколати худро дар назди Олий Маҷлиси аз нав интихобгардида вомегузорад. Тартиби ташкили фаъолият ва салоҳияти Девони Вазиронро қонун муайян месозад».

«Моддаи 99. Мақомоти сернамояндаи ҳокимият дар вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо ва шаҳрҳо (ба ғайр аз шаҳрҳои тобеи ноҳияӣ, ҳамчунин ноҳияҳое, ки ба таркиби шаҳрҳо шомиланд) Кенгаши намояндагони халқ мебошанд, ки ба онҳо ҳокимон роҳбарӣ мекунанд, манфиатҳои давлат ва шаҳрвандонро ба назар гирифта, масъалаҳои дорои ваколаташонро ҳаллу фасл мекунанд».

«Моддаи 101. Мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ дар ҳаёт қонунҳои Ҷумҳурияти Ўзбекистон, фармонҳои Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон, қарорҳои мақомоти болоии давлатиро татбиқ намуда, дар муҳокимаи масъалаҳои аҳамияти ҷумҳурӣ ва маҳаллӣ дошта ширкат меварзанд.

Қарорҳои мақомоти болоӣ, ки дар доираи ваколати он қабул шудаанд, ичрои он барои мақомоти поёни ҳатмӣ мебошад. Мўҳлати ваколати Кенгашҳои намояндагони халқ ва ҳокимон 5 сол мебошад».

«Моддаи 102. Ба ҳокимияти сернамоянда ва ичроия дар ҳудуди дахлдор ҳокимони вилоятҳо, ноҳияҳо ва шаҳрҳо роҳбарӣ мекунанд. Ҳокимони вилоятҳо ва шаҳри Тошканд ба вазифа аз тарафи Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон таъин карда, озод карда мешаванду аз ҷониби Кенгашҳои вакилони халқи дахлдор тасдиқ мегарданд. Ҳокимони ноҳияҳо ва шаҳрҳо аз ҷониби ҳокимони вилоятҳои дахлдор ба вазифа таъину озод карда, аз тарафи Кенгашҳои дахлдори вакилони халқ тасдиқ карда мешаванд. Ҳокимони ноҳияҳо дар шаҳрҳо ба вазифа аз ҷониби ҳокими дахлдори шаҳрҳо таъину озод карда мешаванду Кенгаши вакилони халқи шаҳрҳо тасдиқ менамоянд.

Ҳокимони шаҳрҳои тобеи ноҳияӣ аз ҷониби ҳокими ноҳия ба вазифа таъину озод карда шуда, Кенгаши вакилони халқ тасдиқ менамояд».

«Моддаи 103. Ҳокимони вилоятҳо, ноҳияҳо ва шаҳрҳо ваколати худро дар асоси усулияти ягонагӣ амалӣ гардонда, барои қарорҳо ва арзи амали мақомоте, ки роҳбарӣ мекунанд, масъулияти шахсӣ доранд. Ташкили фаъолият, доираи ваколати ҳокимон ва Кенгашҳои маҳаллии вакилони халқ ва тартиби интихоби Кенгашҳои маҳаллии вакилони халқро қонун танзим мегардонад».

«Моддаи 107. Низоми судии Ҷумҳурияти Ўзбекистон аз Суди Конституцсионии Ҷумҳурияти Ўзбекистон, Суди Олии Ҷумҳурияти Ўзбекистон, Суди Олии хоҷагидории Ҷумҳурияти Ўзбекистон, Судҳои Олии Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон оид ба парвандаҳои шаҳрвандӣ ва ҷиноӣ, Суди Олии хоҷагидории Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, ки ба мўҳлати панҷ сол интихоб карда мешаванд, судҳои вилоятӣ, шаҳри Тошканд оид ба парвандаҳои шаҳрвандӣ ва ҷиноӣ, судҳои байнинохиявӣ, ноҳиявӣ, шаҳрӣ оид ба парвандаҳои шаҳрвандиву ҷиноӣ, судҳои ҳарбӣ ва хоҷагидорӣ иборат аст, ки ба ҳамин мўҳлат таъин карда мешаванд. Ташкил ва тартиби фаъолияти ин судҳоро қонун муайян мекунад. Ба созмон додани судҳои фавқулодда роҳ дода намешавад».

«Моддаи 109. Суди Конституцсионии Ҷумҳурияти Ўзбекистон:

1/ ба Конституцсияи Ҷумҳурияти Ўзбекистон мутобиқ будани қонунҳои Ҷумҳурияти Ўзбекистон ва қарорҳои палатаҳои Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон, фармонҳои Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон, қарорҳои ҳукумат ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, шартномаҳои байнихукуматӣ ва дигар ўҳдадориҳои Ҷумҳурияти Ўзбекистонро муайян месозад;

2/ дар хусуси мутобиқ будани Конституцсияи Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон ба Конституцсияи Ҷумҳурияти Ўзбекистон, қонунҳои Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон ба қонунҳои Ҷумҳурияти Ўзбекистон хулосаҳо медиҳад;

3/ ба меъёрҳои Конституцсия ва Қонунҳои Ҷумҳурияти Ўзбекистон тавзеҳот медиҳад;

4/ дигар корҳоеро дида мебарояд, ки мувофиқи Конституцсия ва қонунҳои Ҷумҳурияти Ўзбекистон ваколатдор карда шудааст.

Қарори Суди конституцсионӣ аз рўзи эълон гардиданаш эътибор дорад. Вай қатъӣ мебошад ва ба шикоят кардан мансуб нест».

«Моддаи 110. Суди Олии Ҷумҳурияти Ўзбекистон мақомоти олии ҳокимияти судӣ дар соҳаи корҳои судии шаҳрвандӣ, ҷиноӣ ва маъмурӣ мебошад. Санадҳои аз ҷониби он қабулкунанда барои ичро дар тамоми қаламрави Ҷумҳурияти Ўзбекистон ҳатмӣ мебошанд.

Суди Олии Ҷумҳурияти Ўзбекистон ҳукуқи назорати судиро аз болои фаъолияти судҳои олии Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, судҳои вилоятҳо, шаҳрҳо, байнинохиявӣ, ноҳияҳо ва ҳарбӣ соҳиб мебошад».

«Моддаи 112. Судҳо мустақил мебошанд ва танҳо ба қонун итоат мекунанд. Ба ягон даҳолат ба фаъолияти судҳо роҳ дода намешавад ва мувофиқи қонун ҷазо дода мешавад.

Дахлнопазирии судяҳо бо қонун кафолат дода мешавад.

Судяҳо сенаторон, вакилони халқи мақомоти сернамояндаи ҳокимияти давлатӣ шуда наметавонанд.

Судяҳо узви ҳизбҳои сиёсӣ буда наметавонанд, дар ҷунбишҳои сиёсӣ иштирок намекунанд, ҳамчунин бо дигар фаъолияти муздгиранда, ба ғайр аз фаъолияти илмиву омузгорӣ машғул шуда наметавонанд. То ба анҷоми расидани мўҳлати ваколати судяҳо онҳо аз вазифа мувофиқи асосҳое, ки дар қонун нишон дода шудаанд, озод шуданашон мумкин аст».

«Моддаи 117. Шаҳрванди Ҷумҳурияти Ўзбекистон ҳукуқи интихоб кардан ва интихоб шудан ба мақомоти сернамояндаи ҳокимияти давлатиро дорад. Ҳар як интихобкунанда соҳиби як овоз мебошад. Ҳукуқи овоздиҳӣ, баробарӣ ва озодии изҳор кардани азму ирода бо қонун кафолат дода мешавад.

Интихоботи Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон, Палатаи Қонунбарории Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон ва Жокарги Кенгеси Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, мақомоти сернамояндаи ҳокимияти давлатии вилоятҳо, ноҳияҳо, шаҳрҳо дар соли ба анҷоми расидани мўҳлати конституцсионии онҳо — дар якшанбеи аввали даҳрўзаи сеюми моҳи декабр гузаронда мешавад.

Интихобот дар асоси ҳуқуқи умумӣ, баробар ва бевоситаи интихоботӣ бо овоздиҳии махфӣ гузаронда мешавад, ҳукуқи интихоб карданро шаҳрванди Ўзбекистоне ба даст меоварад, ки ба синни ҳаждаҳ расидааст.

Аъзои Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон бо овоздиҳии махфӣ дар маҷлисҳои муштараки дахлдори вакилони халқи Жокарги Кенгеси Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, мақомоти сернамояндаи ҳокимияти давлатӣ дар вилоятҳо, ноҳияҳо, шаҳрҳо аз ҷумлаи вакилони халқ на дертар баъд аз як моҳи интихоб шудани онҳо интихоб карда мешавад. Шаҳрвандоне, ки аз тарафи суд ғайриқобил будани онҳо эътироф гардидааст, ҳамчунин шахсоне, ки дар ҳабсхонаҳо мувофиқи қарори суд мебошанд, интихоб намегарданд ва дар интихобот иштирок карда наметавонанд. Дар мавридҳои дигар ба бевосита ва бавосита маҳдуд кардани ҳуқуқи интихоботии шаҳрвандон роҳ дода намешавад.

Шаҳрванди Ҷумҳурияти Ўзбекистон дар як навбат вакили халқи беш аз ду мақомоти сернамояндаи ҳокимияти давлатӣ буда наметавонад. Тартиби гузарондани интихоботро қонун муайян месозад».

«Моддаи 127. Тағйирот ба Конституцсияи Ҷумҳурияти Ўзбекистон бо қонунҳое дароварда мешаванд, ки бо овози зиёд, камаш аз се ду ҳиссаи миқдори умумии вакилони халқи дахддори Палатаи Қонунбарорӣ ва узви Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон ва ё раъйпурсии Ҷумҳурияти Ўзбекистон қабул гардидаанд».

Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон И. КАРИМОВ.

Шаҳри Тошканд, 24 апрели соли 2003.

Қарори Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон

Дар хусуси тартиби эътибор пайдо кардани Қонуни Ҷумҳурияти Ўзбекистон «Дар бораи ворид кардани тағйироту иловаҳо ба Конституцсияи Ҷумҳурияти Ўзбекистон»

Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон **қарор мекунад:**

1. Қисми сеюм, чорум, панҷуми моддаи 77 ва моддаи 117 Конституцсияи Ҷумҳурияти Ўзбекистон бо тахрири Қонуни Ҷумҳурияти Ўзбекистон «Дар бораи ворид кардани тағйироту иловаҳо ба Конституцсияи Ҷумҳурияти Ўзбекистон» аз 1 июли соли 2004 эътибор дорад.

2. Дигар моддаҳои Конституцсияи Ҷумҳурияти Ўзбекистон бо тахрири нави Қонуни Ҷумҳурияти Ўзбекистон «Дар бораи ворид кардани тағйироту иловаҳо ба Конституцсияи Ҷумҳурияти Ўзбекистон» аз рўи натиҷаҳои интихобот ба Палатаи Қонунбарорӣ ва ба вуҷуд овардани Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон эътибор пайдо мекунанд.

3. Ба Ҳукумати Ҷумҳурияти Ўзбекистон (Ў.Султонов) супурда шавад:

ба Олий Маҷлис таклифҳоро оид ба мутобиқ сохтани санадҳои қонунгузории ҷории Ҷумҳурияти Ўзбекистон ба Қонуни Ҷумҳурияти Ўзбекистон «Дар бораи ворид кардани тағйироту иловаҳо ба Конституцсияи Ҷумҳурияти Ўзбекистон» пешкаш кунад;

қарорҳои Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ўзбекистонро ба Қонуни номбаргардида мувофиқ гардонад;

аз нав дида баромадан ва беэътибор донистани санадҳои меъёрии вазоратҳо, кумитаҳо ва идорахоеро таъмин созад, ки бар хилофи Қонуни мазкур мебошанд.

Раиси Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон Э.ХАЛИЛОВ.

Шаҳри Тошканд, 24 апрели соли 2003.

Доир ба раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мутобиқи қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар асоси Қонуни Конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон» рўзи 22 июни соли 2003 раъйпурсӣ «Оид ба тағйиру иловаҳо ба Конституцсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон» гузаронида мешавад.

Бо қарори Комиссияи Марказии интихоботӣ ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мувофиқи Қонуни Конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Ўзбекистон Комиссияи участкавии раъйпурсӣ ташкил карда шудааст.

Бинобар ин, шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар Ҷумҳурии Ўзбекистон иқомат доранд ва ё муваққатан дар ин кишвар мебошанд, рўзи 22 июни соли 2003 аз соати 9-00 то 17-00 вақти маҳаллӣ метавонанд бо шиноснома ё дигар ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсияташон дар овоздиҳӣ иштирок намоянд. **Комиссияи участкавии раъйпурсӣ дар бинои Сафоратхонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Ўзбекистон воқеъ гардидааст.**

Телефонҳо барои маълумот: 54 99 66 (факс 54 89 69).

Китоб оиди Амрико

Баъди ба даст омадани мустақилияти давлатӣ дар Ўзбекистон равобиту алоқа бо мамлакатҳои хорича мустаҳкам гардида, дари Ўзбекистон ба мамлакатҳои ҷаҳон ва дари мамлакатҳои ҷаҳон ба Ўзбекистон боз гардида, ҳамкорӣ бисёр соҳаҳоро фаро гирифт. Ва он тақозо дорад, ки мардуми мо дар хусуси мамлакатҳое бештар бохабар гардад, ки ҳудро дўсту ҳамкори Ўзбекистон донистаанду барои ас сафи давлатҳои мутараққӣ ҷо пайдо кардани он дасти мадад дароз намудаанд. Яке аз онҳо Иёлоти Муттаҳидаи Амрико буда, ба мамлакатамон шарики стратегӣ гардидааст.

Вале бояд эътироф намуд, ки дар бобати омўзиши тарзи ҳаёти мардуми ин мамлакатҳо, урфу одат, анъаноти онҳо, ҳамчунин тинати халқҳояшон дар мо ҷои холигӣ мавҷуд аст ва мебояд он сарпур карда шавад. Аз он ҷумла, дар бобати омўзиши иқтисодиёт, тарзи корбарии аҳли меҳнати мамлакатҳо дар тамоми соҳаҳои ҳоҷагии халқ дар байни мардуми мо он қадар маълумоти зиёде набуд ва ба мақсади аз байн бардоштани ин ҷои холигии иттилоотӣ олимони Донишкадаи шарқшиносии Тошканд ба кори хайр даст заданд. Аз нашриёни донишкадаи мазкур китоб таҳти унвони «Иёлоти Муттаҳидаи Амрико» аз чоп баромад, ки муаллифонаш С.Ҷўраев, Х.Маҳкамов, С.Рустамбоев мебошанд. Дар он марҳалаҳои ба роҳ мондан ва рушди муносибатҳо байни Ўзбекистон ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико таҳлили ҳамаҷонибаи ҳудро пайдо намуда, муаллифон ба омилҳое диққату эътибори махсусро нигарондаанд, ки боиси афзудани диққату эътибор ва майлу шавқи ИМА нисбати мамлакатамон, нақш ва аҳамияти он дар Осиёи Марказӣ, манфиатдории байниҳамдигарии ду давлат дар бобати вусъату таҳким бахшидани ҳамкорӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ гардида, шарикии стратегии байниҳамдигариашонро ба марҳалаи наву ниҳоят володараҷа ворид сохтааст.

Муштарии китобхон аз таҳлили ҳамаҷонибаи муаллифон оиди нерўи бузурги сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳарбиву техникӣ ва интеллектуалии ИМА, васеъ равшан гардидани асосҳои низоми идораи амрикоӣ, аз он ҷумла, раванҳои демократии нодири ба ҳуд хос, муассисоти президентӣ, Конгресс ва ҳаёти ҳизбҳои сиёсӣ бохабар мегардад.

Муаллифон дар бораи мамлакат, тарзи зиндагонии халқи он, ки барои бисёр сокинони сайёраамон ҳамчун намунаи ибрат хизмат мерасонад, низоми ҳуқуқии ИМА, сиёсати берунаву дохила, иқтисодиёт, таълим, инфрасохтори иҷтимоии Амрико маълумотҳои зиёдеро ҷамъ оварда, бо таҳлили ҳамаҷонибаи далелу бурҳонҳо ва воқеаҳо мардумамонро аз дигаргуниҳои азими мамлакати мазкур бохабар месозанд.

Дар боби хотимавии китоб оиди президентҳои ИМА, ҳиссаи сазоворонаи онҳо дар бобати ба арзи ҳастӣ баромадан ва рушди минбаъдаи мамлакат, қарор ёфтани он ҳамчун яке аз мамлакати аз ҳама муқтадири иқтисодии ҷаҳон маълумотҳо гирд оварда шудааанд. Умуман китоб муштариёнро аз ҳаёти Амрикову амрикоиён, таҷрибаи 200-солаи аҳли он дар бобати сохтани ҷамъияти озоди шаҳрвандӣ бохабар сохта, ба рушди ҳамаҷонибаи ҳамкории байни халқҳоямон саҳми муносиб мегузорад ва дастури муфиди таълимӣ барои донишҷўён ва мутахассисон мегардад.

Чанде пеш дар Донишкадаи шарқшиносии Тошканд маросими муаррифии китоби мазкур ба амал омада, дар он ректори донишкада, вакили халқи Олий Маҷлис Н.Иброҳимов, вазири таълими миёнаи махсус ва олӣ, раиси Ҷамъияти дўстии «Ўзбекистону Амрико» С.Ғуломов, Сафири Фавқулодда ва Мухтори ИМА дар Ўзбекистон Ҷ.Хёрбст, доктори илмҳои сиёсатшиносӣ Н.Қосимова ва дигарон суханронӣ карда, таҳкид намуданд, ки китоби мазкур ҳамчун дастуруламали муфид барои донишкадаҳо хизмат мерасонад.

(Мухбири худамон).

Мўҳсин Умарзода

Гўсфанд

(Андешаҳо дар бораи саргузашти ин калима ба муносибати Соли гўсфанд)

Мувофиқи таквиме, ки аз даврони куҳан дар байни халқҳои Осиё ва Шарқи Наздик ба кор бурда мешавад ва бо номи ҳисоби мучал ё мўлчар маълум аст, соли равон соли гўсфанд мебошад. Тафовути ин таквим аз солшумориҳои дигар-ҳиҷрии шамсӣ ва ҳиҷрии қамарӣ, инчунин аз солномаҳои хуршедии форсӣ-тоҷикӣ ва ё мелодӣ (мансуб ба мелоди Масеҳ) ин аст, ки вай ба давраҳои силсилавии ҳар кадом дувоздаҳсола асос мекунад ва солҳо бо номҳои ҷонварон-Муш, Гов (Баҳр), Паланг, Харгўш, Наҳанг, Мор, Асп, Гўсфанд, Маймун, Мурғ, Саг ва Хук ёд мешаванд. Ҳар кадом соли ин таквим as нахустин рўзи Наврўзякуми моҳи фарвардин ё якуми ҳамали соли шамсӣ, яъне 21 (22) марти соли мелодӣ оғоз меёбад ва 20 марти соли оянда да охир мерасад, ки ин муддат баробар ast бо вақти ҳаракати Замин як бор да даври хуршед, ки муодили 12 моҳ ё 365 рўзу 5 соату 48 дақиқа ва 46 сония мебошад.

Одатан одамони солхўрда «мучалатон (солатон) чист» ва ё «аз вақти зойиданатон чанд мучал гузашт», гуфта мепурсанд. Фарз кардем, ин саволҳо ба касе дода шуд, ки дар соли гўсфанди 1955 таваллуд ёфтааст ё ба тарзи дигар гўем, мучалаш гўсфанд аст. Ва ба назар гирем, ки солҳои мучал ҳар дувоздаҳ сол як бор меоянд, мучали он шахс боз дар солҳои 1967, 1979, 1991 ва 2003 такрор шудааст. Аз ин рў, бо дар назар доштани рўзу моҳи таваллудаш имсол ў ба синни 48 мерасад.

Инак, соли гўсфанд...Ҳоло бамаврид аст дар бораи ин, ки калимаи «гўсфанд» чӣ маънӣ дорад ва боэтиби (инъикоси) он дар асотири форсу тоҷик чӣ гуна будааст, сухане чанд гуфта шавад, то ақаллан гўшае аз таъриҳи забонамон ва тасаввуроти ниёконамон дар бораи олам ба андозае равшан гардад.

«Гўсфанд» вожаест, ки аз ду бахш-«гў» ва «сфанд» таркиб ёфтааст. Қисми аввали ин калима, яъне «гў» дар Овисто ба суратҳои «гӯ», «геў» ва «геўш» ва дар паҳлавӣ ва форсии дарӣ ба шакли «гўш» низ омадааст. Дар ҳоти (боби) «26-уми дафтари «Ясно»-и Овисто Геўши (гўсфанди) неккирдор таъриф тавсиф гардида ва дар ҳоти 68 дар қатори Аҳурамаздо ва меҳри риштагони муқаддас ба эзиди (фариштаи) Геўш низ салому таҳният ва раҳмати худо фиристода шудааст. Яке аз яштҳои (ниёиш ва парастишҳои) Овисто «Геўшяшт» ном дорад, ки дар он эзиди Геўш мавриди ситоиш қарор гирифтааст.

Дар замонҳои бисёр қадим расму оини ҷорӣ буд, ки бино бар он ҳар моҳ на ба ҳафтаҳо, балки ба сӣ рўз таҳсим шуда, ҳар кадоми ин рўзҳо бо номҳои Аҳурамаздо, шаш нафар ёрони бемарги ў ва эзидон (фариштаҳо) зикр мегардид ва ба яке аз ин рўзҳо номи эзиди Геўш (гўсфанд) гузошта шуда буд. Абўрайҳони Беруниӣ дар «Осор-ул-боқия» мегўяд:

«Рўзи ҷаҳордаҳум рўзи Гўш (Геўш) аст, ки онро сирсур низ меноманд. Ва дар ин рўз эрониён сиру шароб меҳўранд. Ва сабзиҳоро бо гўштҳое, ки барои начот ёфтан аз шайтон (дев) зарур аст, мепазанд. Ва сабаб ин аст, ки мардум шиканҷаи шаётинро (девонро), ки пас аз қатли Ҷамшед ғолиб омада| буданд, дафъ карданд ва аз қатли Ҷамшед ҳазин гаштанду савганд ёд карданд, ки ба чарбӣ наздик нашаванд. Ва ин кор дар эшон суннат монд...»

(саҳ.247).

Ҳамин тариқ, нигаҳбонии рўзи чордаҳуми ҳар моҳи хуршедӣ, ки «гўшрўз» (геўшрўз) номида мешуд, ба ўҳдаи эзиди Гўш вогузор шуда буд. Номи ин рўз дар адабиёти форсу тоҷик низ дида мешавад. Чунончи, Масъуди Саъд мегўяд:

Гўшрўз эй нигори мушкинхол,
Гўши барбат бигиру нек бимол.

Дар мисраи якуми байти мазкур калимаи «гўш» чунон, ки қаблан гуфта шуд, номи фариштаи аст, вале дар мисраи дуюм ба маънии гўшаки афзори (созе) мусиқӣ— барбат омадааст.

Калимаи «гў» ба мафҳуми ҷонвар, ҳайвоноти хонагӣ ба кор бурда мешуд. «Подшоҳони асотирии Хоразм ва Суғд номи Гўпат ва Гўпан доштанд, ки ба маънии нигаҳбон, ҳоҷа ё соҳиби чорпоён ба кор рафтааст. Ҳар подшоҳ ва фармонравои дигар дар он замонҳои бостонӣ ҳар қадар, ки зиёдтар чорво дошта бошад, дар ҷомеа ба ҳамон андоза аз обрўю нуфуз барҳурдор мешуд, чорпоёни фаровон асоси нерўи сиёсӣ ва моддӣ ба шумор мерафт. Вазифаи давлат буд, ки нигаҳбонии ҳайвоноти аҳлиро таъмин намояд, мисли ин, ки Хусрави Деҳлавӣ мефармояд:

Бо шубонӣ рама нигаҳ дорӣ,
Гўсфандон ба гург нагзорӣ.

Гўпат унвон ё лақабе аст, ки дар адабиёти паҳлавӣ ба Аҳриман—писари Пашанг ва бародари Афросиёб дода шудааст. Гўпат ва Гўпан ба забонҳои иславӣ (чехӣ, лаҳистонӣ ва ғайра) ба суратҳои «ґъпат» ва «ґъпанъ» ба маънии говпой, нигаҳбони чорпоён сироят кардааст. Лафзи «пат» ва «пан», ки дар ин ду калима дида мешавад, дар таркиби бисёр вожаҳои форсии тоҷикӣ, паҳлавӣ ва овистоӣ мавриди истеъмол доранд ҳамчун озарпат — нигаҳдорандаи оташ, сипаҳбад—сарвари сипоҳ, фшупан — шубон ё чўпон, нигаҳбони бузу гўсфанд, ангуштпона—ҳифзи ангушт ва ҳоказо.

Бино ба устуроҳои эронӣ Аҳурамаздо чаҳонро дар панҷ марҳала офаридааст, ки Геў дар панҷумин марҳала ба вуҷуд омад. Бо гузашти замон ин калима дар забони мо ба қиёфаи «гов» даромад, аммо дар он даврон ин лафз маҳфумеро, ки имрўз as он дар назар дошта шудааст, намедод. «Геў аеквадота» ба забони овистоӣ маъноа «якумин ҷонвар»-ро медиҳад. Ҳамон тавре ки дар Бундаҳишн (китоби паҳлавӣ ба маънии «бунёди офариниш») омадааст, вай нахустин ҷонвере аст, ки Аҳурамаздо ўро дар Эронвич (Хоразм) ба миёнаи ҷаҳон дар каронаи рўди Доитии Нек (Амударё) биёфарид. Аҳриман бар зидди Геў (Гӯ) барҳост ва дар оқибат ин ҷонвар ҳалок шуд. Азбаски Геў сиришти гиёҳӣ дошт, панҷоҳу ҳафт навъи дона (ғалла) ва дувоздаҳ гиёҳи дармонӣ as андомои ў падид омад. Амшоспанд Амурдод равшание, ки дар тухмаи Геў буд, гирифт ва ба эзиди Моҳ супурд. Эзиди Моҳ онро биполуд (соф кард), бисёр чеҳраҳо as ў падид оварда, ба вай ҷон бахшид ва as ў анвои чорпоён, ҷонварону паррандагон ба вуҷуд омаданд.

Чанде as калимаҳои овистоӣ, портӣ (яъне паҳлавии ашконӣ), форсии миёнаи турфонӣ монанди геўн, гайа, гайун, гйон ба маънии «ҷон» as воҷагони «гӯ», «геў» реша гирифтааанд. Чунон ки доктор Мўҳсини Абулқосимӣ зимни таҳлили забонии як шеъри паҳлавии ашконӣ ба нақл as китоби эронширноси забардасти инглисӣ Мери Бойс—«Сурудҳои монавӣ» (Оксфорд, 1954, саҳ.154) менависад, калимаи портии «гйъон» дар забони эронии миёнаи турфонӣ ба қиёфаи «гйон» даромада ва дар забони форсии дарӣ бо табдили овои «г» ба «ч» ба ҳуд шакли «ҷон» гирифтааст («Таъриҳи забони форсӣ», Техрон, 1994, саҳ.267).

Дар Овисто калимаи «гайа» дар таркиби номҳои асотирӣ меояд. Масалан, Гайа-маритан, ки лафзи овистоӣ аст, дар паҳлавӣ Гайумарт ва дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ Каюмарс да маънии «ҷони нестипазир», «ҷони миранда», «ҷони даргузар» омадааст. Қиссаи Гайумарт дароз аст, вале мухтасар ин аст, ки ў нахустин шахсе буд, ки андешид ва омўзишҳои(таълимоти) Аҳурамаздоро фаҳмид, бинобар ин as ў ба сифати «нахустандеш» ёд шудааст. Аҳурамаздо мардумони ҷаҳонро as табори ў офарид. Машйа ва Машйона нахустин марду зани ҷаҳон буданд, ки as тухмаи бозмондаи Гайа-маритан ба шакли ду шохаи ревоч (чукурӣ) as замин сар баровардаанд ва сипас пайкари одамӣ ба ҳуд гирифтанд.

Акнун мерасем ба бахши дуюми номи гўсфанд, яъне «сфанд», ки ба луғати овистоӣ ба шакли спента, спанта, ба форсии тоҷикӣ исфанд, испанд, сипанд аст. Чунон, ки хоҳем дид, вожаи спанд (спанта) дар даврони тадвини Овисто ба маъниҳои муқаддас, покзоди биҳиштӣ, афзояндаи хушбахтӣ, варҷованд, яъне дорои фарраи эзидӣ ба кор бурда мешуд.

(Давомаш дар саҳ.4)

Иқболат баланд бод

Муаллимӣ касби пурифтихору масъулиятнок аст. Муаллим боғбонест, ки нихолҳои ҳудро бо меҳр парваришу мекунад. Ба таври дигар гўем, тарбияи офарандагони ояндаи мамлакат ба заҳмати онҳо вобастаанд.

Дар мактаби таълимашон ҳамагонии раҳами 13 ба номи Темурмалики ноҳияи Чуст чунин омўзгорони номдор бисёранд. Онҳо бо ғайрати дучанд меҳнат карда, ба тарбияи авлоди наврас саҳми сазовори ҳудро ҳамроҳ менамоянд.

Яке as онҳо муаллимаи забон ва адабиёти тоҷик Ҳабибачон ада Шарифоваанд. Онҳо дар оилаи ронанда таваллуд ёфта, дар қатори 6 нафар фарзандон ба воя расида, as овони ҳамчагӣ ба адабиёт шавқ пайдо карданд. Ин барои интихоб кардани касби муаллимӣ замина гузошт.

Ҳоло 20 сол аст, ки Ҳабиба апа бо фаъолияти омўзгорӣ шуғл дошта, дар ин ҷода борҳо ба комёбиҳои назаррас ноил гардиданд. Зеро шогирдонашон ҳамд маротиба дар озмуни вилоятӣ иштирок карда, ҷойҳои фахриро ба даст овардаанд.

Соли ҷорӣ ҳонандаи синфи 11-ум Феруза Орифова дар озмуни вилоятӣ ғолиб гашта, дар озмуни ҷумҳурӣ иштирок кард. As ин комёбии вай директори мактаб А.Фузайлов, падараш Қурвонбой, модараш Турдичон апа as ҳурсандӣ сарашон ба осмон расида, «Иқболат баланд бод!» духтарам гуфтанд.

А.МУРОДОВ.

***Дар акс:** муаллима **Ҳабиба Шарофова** бо шогирдаш **Феруза Орифова**.*

Суратгир муаллиф.

Навгониҳо

Иди суруд

Ҷашнвораи ҷумҳурии суруди ҷавонони муҳассил таҳти унвони «Ўзбекистон-Ватаним маним» як ҳафта дар шаҳри Навоӣ давом кард. Дар иди суруд, ки созмондиҳандаи он Вазорати таълими халқ буд, беш as 500 нафар муҳассил-дўстдорони санъат as Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, шаҳри Тошканд ва тамоми вилоятҳо иштирок намуданд. Гран-прии ҷашнвора насиби ҷамоаи хори мактаби раҳами сеюми ноҳияи Навбаҳори вилояти Навоӣ гардид.

Поездҳои нав

Байни шаҳрҳои Ҷиззах ва Самарқанд поздҳои барқии нав ба ҳаракат даромада, манзили дури мусофиронро хеле наздик кардаанд. Ҳар кадом қатора, ки рўзе думаротибагӣ рейсҳоро ба ҷо меоваранд, as вагонҳои замонавии қулаи дорои ҳаштод ҷои нишаст иборат мебошад. Охири моҳи май поездҳо рўзе думаротибагӣ ба равю шурўъ намуданд.

Н. АНОРБОЙ.

Ба диққати омўзгорон ва роҳбарони мактабҳои тоҷикӣ

Сайре ба сўи олами ҳайвонот



Инак, нашриёти адабиёти тиббии ба номи Абўалӣ ибни Сино китоби дарсии «Зоология»-ро барои синфҳои 6- ум ва 7-уми мактабҳои тоҷикзабон as ҷоп баровард. Дар ин кори савоб, бахусус сарвари нашриёт Бахтиёр Амон саъйу эҳтимом ва кўшишҳо as ҳуд нишон дод. Лозим ба ёдоварист, ки теъдоди китоб алҳол 2000 нусха буда ҳаносуби адади нашр as шумораи донишомўзон поинтар аст. Дар ҳар сурат ин ҷопи нахуст маҳсуб мегардад ва баъди фурўши пурраи ин миқдор китоб ҷопи такрории он дар назар дошта шудааст.

Омўзгорони мўҳтарам ва донишомўзони арҷманд бояд огоҳии комил дошта бошанд, ки китобҳои дар

Гӯсфанд

(Аввалаш дар саҳ.3)

Дар китоби Овисто дар ҳар ҷое, ки аз муқаддасот сухан рафта бошад, барои ифодаи ин маънӣ аз лафзи спанта истифода шудааст. Масалан, як даста аз фаришгатони бузурги ойини маздаясно бо номи амшоспандон, яъне ҷовидониёни муқаддас ёд мешаванд. Амшоспандон сифати минӯй (биҳиштии) Аҳурамаздо мебошанд ва дар ҷаҳони моддӣ неруҳои фоидарасон, нигаҳдорандагони оростагии дунё ҳастанд.

Дар зер боз якчанд калимаи мураккаб меоварем, ки бо ёрии «спента» (спанд, исфанд) сохта шудаанд. Масалан, монсра - спента — каломи муқаддас, вожаҳои варҷованд, гуфтори биҳиштӣ; госо - спента — сурудҳои муқаддас, гоҳони Зардушт, ки аз панҷ гоҳ (суруд) иборатанд; спенто -храту — хиради муқаддас; спента - фрадахшта — дорандаи муқаддасот, оварандаи паёми некӯ ва мардумии худой; спента - фрасна — пурсишҳои муқаддаси Аҳурамаздо ва ҷавобҳои Зардушт ва ғайра.

Якчанд номи достонӣ низ дар таркиби худ калимаи спента ё спанта доранд.

Чунончи, номи Спента - дота (дар паҳлавӣ — Сипандот) ба маънии офаридаи ҷовидонии минӯй ва дар форсии тоҷикӣ (ба таҳриф Исфандиёр) паҳлавони номдори рӯинтан (дар достони Рустам ва Исфандиёр) аст, ки дар Овисто ба таври кӯтоҳ ва дар «Шоҳнома» батафсил сухан ронда мешавад. Яке дигар аз номҳои эронӣ низ мисли гӯсфанд мураккаб аз вожаҳои «исфанд» ва «ормайти» мебошад. Ин ном дар Овисто ба сурати Сипанта - ормайти ва дар паҳлавӣ Сипандормат ё Сипандормад, дар форсӣ (тоҷикӣ) Исфандормаз ва Исфанд омадааст. Панҷумин рӯзи моҳ ва дувоздаҳумин моҳи соли хуршедии Эрон «исфанд» гуфта мешавад.

Калимаи сафед (сапед) бояд бо лафзи сипанд (исфанд) ҳамреша бошад. Барои тасдиқи ин фикр яке аз далелҳо ин аст, ки номи Спента - майню (дар паҳлавӣ сипанд - минӯ ба маънои минӯи муқаддас) ба шаклҳои Спентамана, Спитамана ва Спитамен талаффуз мешавад. Вожаи спет ё спит мафҳуми сапед (сафед) дорад ва он дар Овисто ранги осмон — рӯшноии бепоёну бекарона, ҷойгоҳи Аҳурамаздост, ки муқаддас аст.

Дар ин боб наздикӣ ва шабоҳати ду луғат — «спет»-и овистоӣ ва «свет»-и славӣ таваҷҷӯҳро ба худ мекашад. Спет, яъне сафед ба ранги шир ё барф. Мо мегӯем: «рӯз сафед шуд», ки ин ҷо «сафед» ҷонишини калимаи «рӯшноӣ» гардидааст. Сапедадам ба маънии саҳаргоҳ, ҳангоми ҷеғ задани хурӯс аст, ки он вақт ба фаро расидани рӯшноии рӯз торикии шаб аз байн меравад. Славиён, аз ҷумла русҳо аз вожаи свет, ки ин ҳам нур ва рӯшноӣ гуфтан аст, лафзи свят сохтаанд ба маънои муқаддас. Ҳамон тавр, ки мебинем, ҳарфи «п»ба «в» табдил ёфта, «спет» ба қиёфаи «свет» даромадааст. Чунин ҳол дар лафзи ҳиндии қадим—«свени» ба мафҳуми сафед ва муқаддас ба чашм мехӯрад ва бо боварӣ гуфтан мумкин аст, ки вожаҳои ҳиндии «свени» ва русии «свин» боҳам хешигарӣ доранд ва мутааллиқ ба даврони умумияти забонҳои ҳинду эронӣ ва ҳинду урупоӣ мебошанд. Инак, дар забони русӣ калимаҳои «свин»—ҳайвони сафед, яъне хук ва «свинец» — филизи сафед, яъне сурб (қурғошим) вучуд доранд, ки ҳар ду аз моддаи «свин» ба маънии «сафед» сохта шудааст.

Бубинем, ки баъзе наздикиҳои забони форсии тоҷикӣ бо дигар забонҳои ҳинду урупоӣ то чӣ ҳад аст. Барои мисол боз ҳамон ҷузъи дуюми калимаи «гӯсфанд» ё «гӯспанд»- ро меоварем. Чунончи, дар забони литвонӣ калимаҳои «спиндети» ба маҳфуми дурахшидан, рӯшноӣ, барқ задан; «спинда», «спенда» — дурахшиш, нурпошӣ; «спендус» — тобон, дурахшанда; дар забони латунӣ (латишӣ) луғоти «спидет», «спида» низ ба маъноҳои сапед, равшанӣ ба кор бурда мешаванд. Литвониён инчунин калимаҳоеро монанди «спитрас», «спитрети» истеъмол мекунанд; яке аз маъноҳои онҳо сафедии чашм аст. Мутахассисони забонҳои бостонӣ, решашиносон шубҳа надоранд бар он, ки ҳамаи ин калимаҳои литвонию латунӣ аслан аз решаи овистоии «спит», «спет», «спента», «сипеср» гирифта шудаанд. Масалан, вожаи «сипеср», ки вай ҳам лафзи овистоӣ аст, дар забони паҳлавӣ ба сурати сипетр даромада, ба тоҷикӣ (форсӣ) сипеҳр шудааст. Ин таҳаввулот мисли он аст, ки дар дигаргуншавии калимаҳои миср — митра — меҳр ба маънии офтоб; чисра — читра — чеҳра ва ғайра дида мешавад.

Аз ҳамаи он чи, ки гуфта шуд, бояд равшан шуда бошад, ки калимаи «гӯсфанд» ё «гӯспанд» (шакли овистоиаш «геӯспанта») маънои «ҷонвари муқаддас» дорад. Дар замони Зардушт эътиқод ва боварӣ ба муқаддасии гӯсфанд он чандон зиёд буд, ки одамон бо номи ин ҷонвар қасам ёд мекарданд. Ҳар аҳду паймоне, ки дар робита бо гӯсфанд баста шуда бошад, ҳаргиз набояд шиканда мешуд ва ин расмро «гӯсфанд-паймон» меномиданд. Чунон ки дар Овисто омадааст, Зардушт аз Аҳурамаздо мепурсад: «Эй офаридгори ҷаҳони астуманд (моддӣ)! Эй ашаван (пайрави ростӣ)! Касе ки гӯсфанд - паймонро бишканад, то чӣ андоза гирифтори хеш шавад?» Аҳурамаздо посух медиҳад: «Гуноҳи вай наздиктарин хешвандонашро бидеҳкори (қарздори) товони ҳафтсад баробари баҳои он паймон кунад». Зардушт боз суол мекунад: «Касе ки гӯсфанд - паймонро бишканад, подафриҳи (сазои) гуноҳаш чист?» Аҳурамаздо мегӯяд, ки : «ҳафтсад тозиёна бо аспаҳия - аштра (яке аз асбоби ҷазодиҳӣ) ва ҳафтсад тозиёна бо саравашучарана (чӯбдасте, ки пешвоёни дин барои танбеҳи гунаҳкорон ба даст мегирифтанд).

То ба ин андоза сахт буд ҷазое, ки барои риоя нашудани қоидаҳои гӯсфанд - паймон муқаррар мегардид.

Дар адабиёти ҷаҳонӣ қиссаву ҳикоёти гуногуни бисёре офарида шудаанд, ки гӯсфанд дар бештарин мавридҳо ба хотири ҳадафҳои начибонаю олӣ қурбон мегардад. Масалан, дар ривоятҳои Аҳди Қадим (дар Таврот) омадааст, ки Яхва (яке аз номҳои худо дар дини яҳуд) ба назди бандаи баргузидаи худ Авраам (ба ривояти мусулмонон Иброҳими Халилуллоҳ) маълум мекунад, ки аз Авраами садсола ва Сораи навадсолаи бефарзанд бо иноятӣ худовандӣ як писар — Исҳоқ (ба ривояти мусулмонон Исмоил) зода хоҳад шуд. Аммо Яхва ба худо то чӣ андоза содиқ будани Авраамро имтиҳон мекунад ва ба вай қурбон кардани писари ягона ва азизаш Исҳоқро амр медиҳад. Дар сари роҳ гуфтугӯи падару писар воқеъ мегардад, ки бисёр таъсирбахш аст. Ниҳоят, дар лаҳзаи вопасин, вақте ки Исҳоқи дасту по басташуда ба қурбонгоҳ гузошта мешавад, падар кордро ба даст мегирад, то азизи худро бикушад. Аммо фаришта Авраамро аз ин кораш бозмедорад. Ҳамин дам гӯсфанде аз ҷангал баромада, рост ба қурбонгоҳ меравад, зеро худованд ба қурбонии гӯсфанд ба ҷои писар фармон дода буд.

Гӯсфанд қаҳрамони устурахо, ҳамосаҳо, ҳадису ривояту достонҳои бисёр халҳҳои олам мебошад, ки нақли кӯтоҳи онҳо низ дар ин ҷо аз имкон берун аст.Фақат бояд гуфт, ки ин ҷонвари безарар, сарбазеру мӯҳтоҷи ҳимоя ҳамеша қурбон мегардад.

Устод Рӯдакӣ мефармояд:

Бодбар ту мубораку хуншон,
Ҷашни Наврӯзу гӯспандкушон!

«Гӯспандкушон» номи тоҷикиаш «иди қурбон» аст, ки гоҳо дар як вақт бо Наврӯз меояд.

Аз паёмбари ислом ҳазрати Муҳаммад низ нақл шудааст, ки боре хост бандагони худовандро биозмояд ва пурсид, ки гӯшти кадоме аз ҳайвоноти аҳлӣ (хонагӣ) аз ҳама беҳтару хушмазатар аст. Ҳозирон бидуни фикру хаёл зуд ҷавоб доданд: «Гӯшти гӯсфанд!» Вале пайғамбар бо чунин ақида розӣ нашуду гуфт: «Гӯшти гов беҳтару лаззатноктар аст». Одамон ҳайрон шуданд ва миёни худ пичиррос заданд, ки: «ӯ чӣ гуна пайёмбар аст, ки намедонад гӯшти гӯсфанд лазизтар аст». Ин лаҳза ҳазрати Муҳаммад чунин шарху эзоҳ дод: «Гӯсфанд ҷонвари биҳишт аст, ман аз шумо таъми ҷонвари дорулфано (дунёи гузарон)- ро пурсидаам.

Муаррихони бостонӣ дар бораи қурбонии гӯсфанд ва чорпоёни дигар хеле зиёд навиштаанд. Яке аз онҳо — таърихнигори юнонӣ Страбон (63-20 пеш аз мелод) гуфтааст, ки эрониён «ҳайвони қурбониро ба рӯи бистаре аз гиёҳҳои сабзу нарм қарор медиҳанд. Он гоҳ муғ бо дастае аз шохаҳои вижа (махсус), ки ба даст дорад, ҳайвонро карахт карда ва тақдис (пок) мекунад.

Пас, ҳайвонро сар мебурад ва дар ин ҳол сурудеро (яке аз гоҳҳоро) замзама менамояд ва моеъи муқаддасро, ки омехта аз ширу асал мебошад, бар замин мепошад».

Зардуштиён ба Аҳурамаздо изҳори сипос ва ҳақгузорӣ намуда, мегӯянд:

«Гӯсфанди некравонро меситоем. Эзиди Моҳи гӯсфандтухмаро меситоем, фарӯҳар (нерӯи маънавӣ) ва равони (рӯҳи) гӯсфанди нахустинро меситоем, фарухари анвои гӯсфандро меситоем».

«Хостгор» ба асаб намерасад

Олимони донишгоҳи Калифорния баъди тадқиқотҳои дуру дароз ба хулосаи қатъӣ омаданд, ки барои ба ҳам васл гардидани торҳои асаби организм тори сеюм ҳам мавҷуд аст, ки онро одатан дуюмдараҷа меҳисобанд. Ва тори мазкур ба асаб сигналеро расонда медиҳад, ки онро баъзеҳо молекула номбар мекунанд. Баъди ба асаб расидани ана ҳамин сигналҳо асаб ба онҳо рӯ меовардаасту торҳои асаб ба ҳам пайваст мегардидаанд.

Баъди организми инсон дард, хунукиву гармӣ ва ғайраро ҳис мекардааст. Ва олимон ин тори сеюмро рамзан «хостгор» ном ниҳоданд. Дар он мантиқ ҳам ҳаст. Чунки маҳз ба туфайли хостгорон риштаи муҳаббати ҷавонон пайваст гардида, оилаи нав ба вуҷуд меояд.

Ана инро афсунгарӣ гуфтан мумкин аст

Дар қитъаи Африқо намудҳои ҷоду, афсунгарӣ ранговранг аст. Ва онро аксар африқоиён ҳамчун касби меросӣ қабул мекунанду машғул мегарданд. Ва дар байни ин афсунгарӣ аз ҳама душвораш зинда кардани шахси фавтида мебошад. Ба фикри шоҳидон ин амалиётро афсунгарон бо усули ба худ хос ба иҷро мерасонанд. Алқисса, афсугар ба одами зинда тавассути усули ба тиб тамоман ноаён моддаи нашъамандиро меҳӯронад. Баъди дар организм паҳн шудани он модда шахс ба марги клиникӣ меафтад. Баъд афсунгар ба забон оятҳои мухталифро мегирад ва марҳум гузаштани маросими дафнашро пай мебарад. Вале мадори аз ҷо хестан надорад. Вақте ки марҳум ба тобут андохта мешавад, афсунгар ояти сирнокро ба забон мегираду ӯро маҷбур месозад, ки аз ҷояш бархезад. Ва марҳум фармонро иҷро мекунад. Дар ин лаҳза афсунгар метавонад ӯро ҳамчун ғулом истифода барад, ба разилии дилхоҳ роҳнамун сохтанаш мумкин аст. Хешу ақрабои ба ғазаб омада, худро базӯр нигоҳ медоранд. Чунки аз каромати афсунгар метарсанд ва дар дили онҳо ҳам ғулғулаи ба чунин «мурда» мубаддал шудан волоият пайдо мекунад.

Тимсоҳҳои кӯли илоҳӣ

Африкоиён ба ҷонвароне озор намедиҳанд, ки онҳоро илоҳӣ мепиндоранд. Зеро ба фикри онҳо ин ҳайвонотро маҳз Худои Карим ба онҳо иҳьом кардааст. Ва бештар тимсоҳҳоро африкоиён ҷонварони илоҳӣ арзёбӣ мекунанд.

Бешак ин тимсоҳҳои илоҳӣ дар кӯли назди шаҳри Бокаву истиқомат мекунанд.

Ба тамошои ин тимсоҳҳо бештар сайёҳони хориҷӣ, алалхусус бонувоне меоянд, ки фарзанд надоранд. Ва онҳо маҳз бо нияти хуб ба ин ҷо меоянд. Ба фикри аҳолии маҳаллӣ ва маълумотҳои таърихӣ агар бонувон дар ин кӯл ақалан як бор оббозӣ кунанд, ҳатман соҳиби фарзанд мешаванд. Он чиз боиси тааҷҷуб аст, ки тимсоҳҳои кӯли мазкур умуман ба инсон наздик намешаванд. Бонувон дар кӯл ҳамроҳи шаману шиноварон оббозӣ мекунанд. Дар айни замон пеш аз ба кӯл даромадан талаб карда мешавад, ки ҳам бонувон ва ҳамсарони онҳо ба содир гардидани каромат боварӣ ҳосил кунанд, ба мақсадашон ҳатман мерасанд. Баъди он соҳиби фарзанд шуданашон мумкин аст. Барои хизмат пули калон талаб карда намешавад. Чунки агар шаманҳо бисёр пул талаб кунанд, тимсоҳҳо бе ному нишон ва ба қаҳри худованд гирифтор шуданашон мумкин будааст. Аз ҳамин сабаб аз сайёҳон талаб карда мешавад, ки як либосворӣ газвор, як қуттӣ шоколад иҳьом кунанд ҳам басанда аст. Аз суханони сайёҳони инглис маълум мегардад, ки тимсоҳҳои кӯли илоҳӣ барои фарзанддор шудани бисёр бонувон кӯмаки калон расондааст. Шояд суханашон рост бошад. Чунки қудрати худовандро ягон кас инкор карда наметавонад.

Майнаи сунъӣ

Яке аз донишгоҳҳои тиббии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико шакли майнаи сунъиро бори аввал офаридааст. Протези мазкур, ки аз қатрон омода гардидааст, нисбати камақлон, шахсоне истифода бурда мешавад, ки майнаи сарашон осебе дидааст. Алалхусус ба бемороне бештар гузошта мешавад, ки ба дарди эпилепсия гирифторанд.

Ва олимон ин кашфиётро дар инсон дар солҳои наздик озмуданӣ нестанд ва алҳол диққату эътиборро ба ҳайвонот нигаронданд. Чунки лозим меояд, ки сараввал ба ҳаёти инсон ҳавф надоштани протез, ҳудро пурра сафед кардани онро дар амал исбот карда диҳанд. Аз ин рӯ, алҳол озмоишҳо дар калламушҳо гузаронда, баъд дар маймунҳо озмуда мешавад. Агар натиҷаи хуб бахшад, дар он сурат дар инсонҳо ҳам озмуда шуданаш мумкин аст.

Зоғи гирифтори маризии ҳорӣ

Ва зоғи мазкур алҳол аз як шаҳри Россия ба шаҳри дигари он ногаҳон ташриф оварда, ҳар субҳ нобаҳангом ҳучум мекардааст. Дар ин бора рӯзномаи «Хранометр» хабар дода, ҳамаро ба хушёриву зиракӣ даъват месозад. Ба гуфти рӯзнома зоғ ба ҷои барахнаи инсон часпида, ҷароҳат медиҳад. Баробари хуншор гардидани обект ҳавли ҷон роҳи гурезро пеш мегирад. То ҳоли ҳозир се нафар қурбони ин зоғи гирифтори маризии хорӣ гардидааст.

Ба гуфти духтурони ҳайвонотшинос ҳолати мазкур рух доданаш аз эҳтимол холӣ нест. Чунки чун ҳайвонот паррандагон ҳам ахён-ахён гирифтори маризии хорӣ шуданашон мумкин аст ва дар ин бора маълумотҳои сершумор ҳастанд.

Ғоз ба ҷои саг

Маълум мегардад, ки ғозҳо ҳам ҷонвароне ақлнок ба ҳисоб мерафтаанд ва ба инсон кӯмакрасонанд. Инро дар маъхазҳои таърихии Руми қадима ҳам таъкид кардаанд. Васяакаи вяткагии рус аз саги вафодори худ ҷудо гардид. Мутантан онро ба хок супурд. Ҳамроҳаш ғози ҷоноҷонаш ҳам буд. Ба он мақсад, ки номи сагаш гум нашавад, ба ғоз номи ӯ Шарикро муносиб донист. Ғоз одати нав баровардаа, ҳаракат мекард, ки набудани саги вафодори хӯҷаинро маълум накунад. Акнун вай ба дастёри беминнат мубаддал гардидааст. Хонаро посбонӣ мекунад, ҳайвоноти хонаро ба кӯраашон мебарад. Овози қадаммонии соҳибашро аз дуродур мушоҳида карда, ба бонувони хона хабар медиҳад. Шабона вазифаи посбониро адо карда, ҳамин ки ба ҳавлӣ шахсу ҷонвари бегона қадам партояд, овоз бароварда, соҳиби хонаро бохабар месозад.

Одами боақл шуданист

Александр Чейкобаи англиягӣ одами аз ҳама боақли дунё шуданист. Барои он ӯ чунин меҳисобад, ки агар қомуси миллии Британиёи Кабирро пурра хонда, дар ёд дорад кофӣ будааст. Ва ӯ дар роҳи ба даст омадани мақсади бузургаш саъю кӯшиши беҳамто мекунад. Ӯ ҳар рӯз ба ҳисоби миёна сад саҳифагӣ қомусро мехонад ва алҳол ба саҳифае расидааст, ки бо ҳарфи «К» оғоз меёбад.

Ба вай баъзеҳо эътироз ҳам баён мекунанду боақлиро дар қудрати илоҳӣ медонанд. Вале ба он Чейкоба эътиборе намедиҳад ва ният дорад, ки баробари пурра хондану аз ёд кардани қомуси миллӣ китоберо таҳти унвони «Одами аз ҳама боақли дунё» иншо созад.

(Аз рӯи маводҳои Интернет ва воситаҳои ахбори оммавӣ тарҷума ва таҳия гардидааст).

Соли маҳаллаи обод

Поп: рӯ ба ободиву бунёдкориҳо



Ба мақсади ошноӣ аз фаъолияти деҳқонони хоҷагии ширкатии «Водӣ» ва зиёд намудани сафи обуначиёни «Овози тоҷик» азми сафари ноҳияи Поп намудем. Маълум, ки шоҳроҳи машҳури «Намангон - Тошканд» миёни ноҳия бурида мегузараду аз самти ҷанубӣ - шарқӣ даставвал марзҳои шаҳрӣ пеш меояд. Баробари убур аз сарҳади Чуст гувоҳи манзараи дилкашу ҷаззоб мегардед. Роҳҳо мувофиқи талаби замон таъмир ёфта ва нақлиёти автомобилӣ бемамониат рафтуо мекунанд. Дар ду тарафи роҳ бошад коргарони иттиҳодияи истифодаи роҳҳои ноҳия «Равонйӯл» машғули бунёди деворчаҳои нақшинанд, ки мислашро фақат дар шаҳрҳои калон дидаатон мумкин аст. Ҳунаристони дар даромадгоҳи шаҳр воқеъ буда,аз сари нав таъмиру тармим меёбад. «Ин ҷо низ кор ба чӯшу хуруш идома дорад. Ҳамин тавр биноҳои маъмуриву ду бари роҳ тибқи талаби давр оинабандӣ гардидаанд ва хеле назарраборянд. Истгоҳи марказии шаҳр,бозори деҳқонӣ, кинотеатри «Муқаддас» низ ба ҳамин қарибӣ қиёфаашонро дигар кард. Чунин бунёдкориҳои замонавиро ҳини даромадан ба бинои ҳукумат низ ҳис менамоем. Чароҳгои ҳавливу қандилҳои толорҳо албатта диққатамонро ба худ мекашад. Коллеҷи хизмати маишӣ, ки дар шафати бинои ҳукуматӣ қарор дорад низ сар то сар таҷдид гардидааст. Дар ҳамин ҷо, ки дуроҳае якдигарро бурида, шакли ҳарфи «Т»- ро гирифтаанд, яке аз кӯчаҳои марказии Тошканд-шаҳрро ба хотир меоварад.

Пеш аз он, ки тарафи хоҷагӣ роҳ гирем, қарор додем то аз ҳамкасбони попиамон - қаламкашони рӯзномаи ноҳиявии «Поп тонгӣ» дидан кунем. Новобаста бо он, ки рӯзи истироҳат буд, аҳли қалами рӯзнома «шанбегӣ» доштаанд. Ҳар яке дар даст белу каланд ва замбарҳои хоккашон ба гулхонаи назди идора шакли нав медарорад.

— Соли маҳаллаи ободро дар ҳар шумораи рӯзномаи ноҳиявӣ тарғиб намуда (воқеан рӯзномаи «Поп тонгӣ» фақат дар ҳамин ноҳия ҳафтае ду бор ҷоп мешавад) ба ободиву озодагии макони зистамон даъват мекунем,— мегӯяд ҷонишини муҳаррир Холматҷон Мамаҷонов.— Аз ин рӯ худамон низ машғули оростагии хонаи дуюмамон мебошем.

Сари ҳар қадам одамони касбу корашон гуногунро дидан мумкину буд, ки он рӯз побандиро рӯбучину сафедкунӣ ва дигар корҳои ободонӣ буданд. Дар даромадгоҳи шаҳр, ки хоҷагии ширкатии «Водӣ» оғоз меёбад низ бо мақсади васеъ кардани роҳҳои мошингард дарахтони хушкшударо решакан мекарданд. Ба он, ки дар ин шаҳру ноҳия ҳар як кас аз паи амалӣ намудани табирҳои Соли маҳаллаи обод будааст, ободонӣ тартиб додаанд. Раисони маҳаллаҳои «Қандигон», «Янгиобод», «Водӣ» И. Норбоев, А.Яҳеёв, Т.Бегматов гуфтанд, ки дар пеш вазифаҳои муҳим, корҳои иҷрошаванда ҳанӯз аст. Масалан, барои аҳли «Қандихон» гузар заруру баъзе кӯчаҳои Янгиобод» таъмирталабанд ва ба масофаи 1,5 километр барои хонадонҳои ҳамин қариби бурёкӯбон намуда, гази табиӣ бурдан лозим. Маҳаллаи «Водӣ» ҳам мӯҳтоҷи гузар аст, ки сохтмонаш аллакай сар шудааст.

— Аз ҳама муҳимаш нисбати баъзе маконҳо сарфу харҷи туйу маъракаҳои дигар дар мо сабуктар,— гуфт раиси маҳаллаи «Қандихон» тобеи ҷамоати шаҳрвандони ба номи Умурзоқов И.Норбоев.— Барои ба никоҳ рафтан фақат 1 мошина омода мешавад ва тантанаи базм то 3 соат давом мекунад. Ба сарулибоси ҷаронбаҳо, сарфу харочоти зиёдатӣ ҳоҷат набудаанд. Ба ин ҳаваси ҳоҷаҳо ва ҳоҷиҳо ҳаҷ ва умра ба ҳисоби ҳаҷ ва умра ба ҳисоби ҳаҷ ва умра ба ҳисоби